## Ҷумҳурии Тоҷикистон

# БАРНОМАИ РУШДИ
# ИҶТИМОИВУ ИҚТИСОДИИ НОҲИЯИ ЛАХШ
# БАРОИ СОЛҲОИ 2021-2025

Лахш– соли 2021

# МУНДАРИЧА


**Рӯйхати ихтисорот**........................................................................................................

**Пешгуфтор**.....................................................................................................................

**БОБИ 1. ШАРҲИ ҲОЛАТ ВА ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ВОҚЕИИ НОҲИЯ**........

**БОБИ 2. ИҚТИСОДИЁТ**.................................................................................................
2.1. Соҳаи кишоварзӣ
2.2. Соҳаи саноат. ...............................................................................................................
2.3. Соҳибкории хурд ва миёна............................................................................................
2.4. Сохтмон.........................................................................................................................

**БОБИ 3. ИҶТИМОИЁТ**....................................................................................................
3.1. Соҳаи маориф..................................................................................................................
3.2. Соҳаи тандурустӣ............................................................................................................
3.3. Соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ....................................................................................................
3.4. Соҳаи фарҳанг ва фароғат..............................................................................................
3.5. Сайёҳӣ ва варзиш ...........................................................................................................

**БОБИ 4. ИНФРАСОХТОР** ...............................................................................................
4.1. Таъминот бо оби нӯшокӣ ..............................................................................................
4.2. Хоҷагии манзилию коммуналӣ......................................................................................
4.3. Барқтаъминкунӣ ............................................................................................................
4.4. Нақлиёт ва коммуникатсия ............................................................................................

**БОБИ 5. ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ ВА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА**
5.1. Ҳифзи муҳити зист ..........................................................................................................
5.2. Ҳолатҳои фавқуллода ......................................................................................................

**БОБИ 6. ТАЪМИНОТИ ЗАХИРАВӢ** ..................................................................................

**БОБИ 7. НИЗОМИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ** ...............................................................

**Замимаҳо оид ба стратегияи рушди соҳаҳо**

**РӮЙХАТИ ИХТИСОРОТ**

| | |
|---|---|
| БДИ | Барномаи давлатии инвеститсионӣ |
| БРСММ | Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид |
| БРҶ | Барномаи рушди ҷомеа |
| Б/Ҷ | Буҷети ҷумҳуриявӣ |
| Б/М | Буҷети маҳаллӣ |
| БМРҶТ | Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 |
| ВММША | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ |
| ВРИС | Вазорати рушди иқтисод ва савдо |
| АБЗО | Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ |
| ВМИ | Вазорати маориф ва илм |
| ВТҲИА | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ |
| ВН | Вазорати нақлиёт |
| ВМ | Вазорати молия |
| ВК | Вазорати кишоварзӣ |
| ВЭС | Вазорати энергетика ва саноат |
| ГК | Гуруҳҳоикории секторӣ |
| ГФТ | Гуруҳи фаъоли ташаббускор |
| ИМ | Идоракунии маҳаллӣ |
| ИҶ | Иттиҳодияи ҷамъиятӣ |
| КДС | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ |
| КАТС | Кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ |
| МваА | Мониторинг ва арзёбӣ |
| МДҶ | Маркази дастгирии ҷамоат |
| МТС | Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶумҳурииТоҷикистон |
| М/Х | Маблағҳои худӣ |
| ТБМ | Ташкилоти байналмилалӣ оид ба муҳоҷират |
| МИМҲД | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| МБҲ | Маркази барқии ҳароратдиҳанда |
| НБО | Нерӯгоҳҳои барқии обӣ |
| ПСМ | Партовҳои сахти маишӣ |
| РЕАКТ | Гурӯҳи зудбаҳодиҳандаи ҳолатҳои фавқулодда ва ҳамоҳангсоз |
| РИМ | Рушди иқтисодии маҳал |
| СВОТ | Паҳлӯҳои қавӣ, заиф ва имкониятҳою таҳдидҳо |
| СМ | Созмонҳои маҳаллӣ |
| НМваА | Низоми мониторинг ва арзёбӣ |
| СМР | Стратегияи миллии рушд |
| СХМ | Соҳибкории хурд ва миёна |
| С/Х | Сармояи хориҷӣ |
| С/Д | Сармояи дохилӣ |
| ФҚХ | Фонди қарзии хурд |
| ФАО | Ташкилоти озуқа ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид |
| ҲРУ | Ҳадафҳои Рушди Устувор |

## Биниши рушди ноҳияи Лахш дарояндаи миёнамуҳлат

Лахш-макони дустӣ ва дарвозаи шарқии Тоҷикистон, ноҳияест, ки дорои соҳаи кишоварзии инкишофёфта, истеҳсолгари картошкаи хушсифат ва маҳсулоти чорводорӣ, минтақаи мусоиди фаъолияти соҳибкории хурду миёна, бахши хусусӣ ва сайёҳӣ, дорои имкониятҳои хуби инфрасохтори иҷтимоӣ ва маишӣ, ки дар он зану мард ки ба миллатҳои гуногун мансуб мебошанд якдилона, баробарҳуқуқ ва хушбахт умр ба сар мебаранд.

### Муқаддима.

Барномаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ноҳияи Лахш барои солҳои 2021-2025 ҳуҷҷати асосии ноҳия афзалият ва самтҳои умумии сиёсати ноҳияро муайян менамояд, ки он барои ноил гардидан ба рушди устувори иқтисодии ноҳия, дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои заминавии иҷтимоӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ дарояндаи миёнамуҳлат нигаронида шудааст.

Инчунин барномаи мазкур дар самти бештар ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ дар соҳаҳои асосии хоҷагии халқи ноҳия сол аз сол пастшавии сатҳи бекорӣ дар назар аст. Мусоидат намудан ба афзоиши нерӯҳои истеҳсолӣ имконият медиҳад, ки ҷойҳои нави корӣ ташкил гардида, сатҳи зиндагии мардум беҳтар шавад.

Барои ноил шудан ба ин мақсадҳо дар соҳаҳои асосии хоҷагии халқи ноҳия чораҳои мушаххас пешбинӣ гардида, ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ дар назар дошта шудааст. Ҷалби ҳарҷи зиёди сармояҳои хориҷӣ ва дохилӣ асоси амалӣ гардидани вазифаҳои гузошташуда буда, дар ин самт аз ҷониби мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия тамоми имкониятҳои мавҷуда истифода мегарданд.

Рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия барои солҳои 2021-2025 бо назардошти зиёдшавии имкониятҳои истеҳсолӣ пешбинӣ мешавад ва дар афзоиши маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ асос мегузорад.

Бояд қайд кард, ки “Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Лахш барои солҳои 2021-2025” дар доираи Ҳадафҳои рушди устувор ва ҳуҷҷатҳои стратегии кишвар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 барномаҳои соҳавию минтақавӣ таҳия гардидааст.

Инчунин Барномаи мазкур дар асоси санадҳои меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо ва барномаҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон“ Дар бораи мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатӣ” ва Қонуни Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Мақомотҳои худидоракунии шаҳрак ва деҳот”, “Дастурамали методӣ оид ба таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон маъқул дониста шудааст) таҳия шудааст.

Барномаи мазкур бо кӯмаки машваратии мутахассисони Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ёрии техникии Барномаи рушди Созмони Миллали Муттаҳид, аз ҷониби Гурӯҳи корӣ, ки бо Амри раиси ноҳияи Лахш тасдиқ гардидааст, таҳия шудааст.

Ба Барномаи рушди ноҳия 103 лоиҳа бо маблағи **227 млн 479 ҳазор** сомонӣ ворид гардидааст, ки ба соҳаи кишоварзӣ  18 лоиҳа бо маблағи 72 млн 156 ҳазор сомонӣ, саноат 10 лоиҳа бо маблағи 3  млн 380 ҳазор сомонӣ, соҳибкорони хурду миёна ба 4 лоиҳа ба маблағи 9 млн 850 ҳазор сомонӣ, меъмори ва сохтмон 6 лоиҳа ба маблағи 42 млн. 700 ҳазор сомонӣ, маориф 8 лоиҳа ба маблағи 14 млн 350 ҳазор сомонӣ, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ 14 лоиҳа ба маблағи 18 млн 470 ҳазор сомонӣ, фарҳанг 7 лоиҳа ба маблағи 12 млн 205 ҳазор сомонӣ, саёҳи 7 лоиҳа ба маблағи 1 млн 250 ҳазор сомонӣ, варзиш ва сёсати давлатии ҷавонон 4 лоиҳа ба маблағи 7 млн 80 ҳазор сомонӣ, хоҷагии манзилию коммуналӣ 6 лоиҳа ба маблағи 13 млн 285 ҳазор сомонӣ, таъмини оби нушокӣ 4 лоиҳа ба маблағи 10 млн 200 ҳазор сомонӣ, барқтаъминкунӣ 6 лоиҳа ба маблағи 15

млн 170 ҳазор сомонӣ, нақилёт ва раҳсозӣ 4 лоиҳа ба маблағи 4 млн 567 ҳазор сомонӣ, ҳифзи муҳити зист ва ҳолатҳои фавқулодда 5 лоиҳа ба маблағи 2 млн 816 ҳазор сомонӣ рост меояд.

Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Лахш барои солҳои 2021-2025 сарчашмаҳои маблағгузории аз ҳисоби буҷети ҷумҳурявӣ 72 млн 675 ҳазор сомонӣ, буҷети маҳаллӣ 10 млн.289 ҳазор сомонӣ, бахши хусусӣ 51 млн 520 ҳазор сомонӣ ва сармояи хориҷӣ 94 млн 180 ҳазор сомониро ташкил менамояд.

## БОБИ I. ШАРҲИ ҲОЛАТ ВА ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ВОҚЕИИ НОҲИЯ

### 1.1.Тақсимоти маъмуриву ҳудудии ноҳия.

Лахш як гӯшаи хушобу ҳаво ва зебоманзару бостонии сарзамини тоҷикон дар қисми шимолу шарқии ҷумҳурӣ воқеъ буда, масоҳаташ 4580,1 км² –ро ташкил менамояд. Ноҳия аз шимолу шарқ бо ноҳияи Чон-Олойи Ҷумҳурии Қирғизистон, аз ҷанубу шарқ бо ноҳияи Мурғоби ВМБК, аз ҷануб бо ноҳияи Тавилдара ва аз ғарб бо ноҳияи Рашт ҳамсарҳад мебошад. Ноҳия аз маркази ҷумҳурӣ - шаҳри Душанбе дар масофаи 284 км ҷойгир мебошад.

**Харитаи тақсимоти маъмуриву ҳудудии ноҳияи Лахш**




Ҳудуди ноҳия аз 1 ҷамоати шаҳрак, 9 ҷамоати деҳот, 1 шаҳрак ва 53 деҳа (ш.Ваҳдат, Сартало, Кашат, Алға, Лахш, Муксу, Пилдон, Янгишаҳр, Сурхоб ва Ҷиргатол) иборат аст. Маркази ноҳия шаҳраки «Ваҳдат» мебошад.

**Маълумотнома оид ба ҳудудҳои маъмурии ноҳияи Лахш дар соли 2020**

| № | Номимаъмурии ҷамоатҳо | Шумораи деҳаҳо | Масофа то маркази ноҳия (км) | Шумораи аҳолӣ (нафар) | Шумораи хонавода | Мактаби миёна | Мактаби асосӣ | Мактаби ибтидоӣ | Муассисаҳои томактабӣ | Китобхонаҳо | Мактаби мусиқии бачагона | Беморхонаҳо | Маркази саломатӣ /бунгоҳҳо | Нуктаи фуруши сузишворӣ | Тарабхона | Ошхона | Дукон ва мағоза | Ҳаммом | Сехҳои дузандагӣ | Сартарошхона | Корхонаҳои саноатӣ ва хурду миёна | НОБ-ҳои хурд |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Чамоати шахраки Вахдат | 3 | 3 | 5076 | 956 | 2 | 1 | | 1 | 1 | 1 | 1 | 2 | 3 | 16 | 32 | 1 | 1 | 3 | | | |
| 2 | Чамоати деҳоти Пилдон | 6 | 18 | 7865 | 1246 | 4 | 1 | 3 | 1 | 3 | | 1 | 3 | 2 | | 12 | 1 | | | | | |
| 3 | Чамоати деҳоти Чиргатол | 6 | 1,5 | 9902 | 2012 | 5 | 2 | | 1 | 4 | | | 5 | 5 | 1 | 10 | | | | | | |
| 4 | Чамоати деҳоти Янгишахр | 8 | 5 | 7947 | 1850 | 4 | 1 | 4 | 2 | 5 | | 1 | 7 | | | 9 | | | 2 | | | 2 |
| 5 | Чамоати деҳоти Сурхоб | 4 | 11 | 2900 | 512 | 4 | | 1 | | 2 | | | 4 | 1 | | 5 | | | | | | |
| 6 | Чамоати деҳоти Сартало | 9 | 41 | 2531 | 584 | 5 | 2 | 1 | | 2 | | 1 | 6 | | | 2 | 1 | | | | | |
| 7 | Чамоати деҳоти Қашот | 3 | 40 | 2982 | 594 | 3 | | | | 2 | | 1 | 2 | | | 3 | | | | | | |
| 8 | Чамоати деҳоти Лахш | 3 | 45 | 5223 | 838 | 3 | | | | 2 | | | 3 | 4 | 14 | 9 | 2 | | 1 | | | |
| 9 | Чамоати деҳоти Муксу | 7 | 51 | 10508 | 1884 | 4 | | 4 | 1 | 2 | | 1 | 6 | 4 | | 20 | | | 1 | 1 | | |
| 10 | Чамоати деҳоти Алға | 5 | 54 | 4039 | 715 | 5 | | 2 | | 3 | | 1 | 5 | | | 4 | | | | | | |
| Чамъ | | 54 | 54 | 270 | 58973 | 11191 | 39 | 7 | 15 | 6 | 26 | 1 | 7 | 43 | 19 | 31 | 106 | 5 | 1 | 7 | 1 | |

**1.2.Маълумоти таърихиву фарҳангӣ.**

Тавре дар сарчашмаҳои гунолгуни таърихӣ аз ҷониби баъзе олимону сайёҳони гузаштаву имрӯзаи кишварҳои гуногун, аз ҷумла сайёҳони хитоӣ ва арабу форс қайд шудааст, водии Рашт, аз ҷумла ноҳияи Лахш дар гузаштаи дур дорои таъриху фарҳанги қадима будааст. Дар ҳазораи аввали пеш аз солшумории мелодӣ як шохаи Роҳи бузурги абрешим ба воситаи водии Рашт ва Олой гузашта, дунёи шарқу ғарбро ба ҳам мепайвастааст. Харобиҳои шаҳри Чоргул дар водии Лахш далели онанд, ки дар ин ноҳия санъати меъмориву шаҳрсозӣ ҳанӯз дар даврони қадим инкишоф ёфта буд.

Лахш аз соли 1870 то ғалабаи Инқилоби Бухоро (соли 1920) дар ҳайати миригарии Ғарм дар тобеияти аморати Бухоро буд. Баъди инқилоб он ҳамчун туман ба ҳайати вилоятӣ Ғарм дохил гардид. Лахш ноҳияи тобеи ҷумҳурӣ буда, 10 марти соли 1931 ҳамчун ноҳияи алоҳида бо номи Ҷиргатол ташкил ёфтааст. Маркази имрӯзаи ноҳия ва аксар деҳаҳо дар водии нисбатан фарохи ҳавзаи дарёи Сурхоб доман густурдааст. Аз чашмасоронаш дарёчаҳои кӯҳии Муксу, Тамдикул, Пиёзӣ, Оби Кабуд, Дувана, Ғулама маҷро мегиранд.

**1.3. Иқлим ва захираҳои табиӣ.**

Ноҳия дар болооби дарёи Сурхоб (ҳавзаи дарёи Вахш) воқеъ буда аз сатҳи баҳр дар баландии 1795 м воқеъ мебошад. Қисми шимоли ноҳияро қаторкӯҳҳои Олой (баландиаш то 2646 м, қуллаи Шумқор) ва Паси Олой (то 5900 м), қисми шарқиро нишебиҳои ғарбии қаторкӯҳи Академияи Фанҳо (то 7495 м, қуллаи Сомонӣ) ва ҷанубиашро нишебиҳои шимолии қаторкӯҳи Пётри якум (то 6785 м, қуллаи Москва) ишғол кардаанд.

Иқлими ноҳия вобаста ба баландӣ тағйир меёбад. Дар баландиҳои 1500-3000 м иқлим мӯътадил, тобистонаш салқин, зимистонаш хунук аст. Ҳарорати миёнаи ҳаво дар фасли тобистон 15-20$^0$ С, дар фасли зимистон аз 5 то 10$^0$ С ва дар баландиҳои бештар аз 3000 метр иқлими хунук ҳукмфармост. Боришоти солона дар нишебии қаторкӯҳҳои Олой ва Паси Олой 200-700 мм. ва дар нишебии қаторкӯҳҳои Пётри якум ва Академияи Фанҳо 700-900 мм. мебошад. Теғаи кӯҳҳои баланд бо тармаву пиряхҳо пӯшида шудаанд. Ҳудуди ноҳияро аз шарқ ба ғарб дарёи Сурхоб бурида мегузарад. Ба он дарёчаҳои бисёре ҳамроҳ мешаванд, ки калонтаринашон аз чап Муксу ва аз рост Оби Кабуд мебошанд. Сатҳи афзалиятноки вазиши бод аз ғарб ба шарқ буда, ба ҳисоби миёна дар як сония 15 – 20 метр мевазад.

Дар ҳудуди ноҳия асосан хоки хокистаранги муқаррарии минтақаи дашт, хокҳои хокистаранги тира ва дорчини минтақаи бешадашти кӯҳӣ ва хоки марғзори даштии минтақаҳои субалпию алпӣ паҳн шудаанд. Дар ҳудуди ноҳия растаниҳои даштӣ ва

бешадаштӣ, кӯҳӣ мерӯянд, ки аксари онҳо набототи доругиянд.

Дар баландиҳои 1500-2000 м. набототи даштӣ – ҳар гуна гиёҳҳо (бештар гандумак, ковил, типчак, чатргулҳо, лӯбиёиҳо, шибоғ, талха, тахач) мерӯяд. Нишебиҳои баландиашон 2000-3500 метрро даштҳои сералаф фаро гирифтаанд. Дар баландиҳои 3500-5000 метр марғзорҳои субалпию алпӣ ва аз он боло минтақаи нивалӣ воқеъ гаштаанд. Табиат ва иқлими ноҳия барои сайёҳӣ ва кӯҳнавардӣ хеле мувофиқ аст. Чандин солҳост, ки диққати дустдорону шавқмандони саёҳат ва кӯҳнавардиро қуллаҳои осмонбӯси Исмоили Сомонӣ, Пётри 1, пиряххои Федченко ва Москвин ба худ ҷалб кардааст. Олами ҳайвоноти ҳудуди ноҳия ғанӣ аст. Дар қисми шимолу шарқи ва шимолу ғарбии ноҳия хирс, хук, гург, рӯбоҳ, гурбаи вахшӣ, қашқалдоқ, дала ва дар қисми шимолӣ, дар баландкӯҳҳо бузу гӯсфанди вахшӣ, суғур ва барс ҳаёт ба сар мебаранд. Олами парандагони ин диёр ҳам рангин мебошад.

Ноҳия аз канданиҳои фоиданок бой аст. Захираҳои тиллои дарёи Мук, конҳои ангиштсанги Мук, Лахш ва Қашот, хоки кӯлолӣ, қум, санги мармар, обҳои маъданӣ, намак, намаксанг ва дигар канданиҳои фоиданок боигариҳои ин мавзеанд, ки дарояндаи наздиктарин ба манфиати мардум бояд хизмат кунанд. Дар қаламрави ноҳия чашмаҳои зиёди бофишор ва бефишори лаззаташон ширин, талх ва тумч мавҷуд аст. Ҳам обҳои рӯизаминӣ ва ҳам обҳои зеризаминӣ зиёд аст. Гарчашмаи Тамдиқул ҳарорати обаш аз $90^0$ С боло буда, хусусиятҳои зиёдӣ табобатӣ дорад ва барои табобати беморони касалиҳои асаб, пӯст, дарди буғумҳо, касалиҳои занона ва дигар касалиҳо истифода бурда мешавад.

**1.3.Вазъи демографии ноҳия**.

Мувофиқи маълумотҳои оморӣ шумораи аҳолии ноҳия ба ҳолати 1 январи соли 2020 - 58973 нафарро ташкил менамоянд, ки аз он 49,4 % (29170 нафар) мардҳо ва 49,6% занҳо (29803 нафар) мебошанд.

**1.5. Тамоюлҳои асосии иқтисодиву иҷтимоӣ**

Лахш ноҳияи аграрӣ ба шумор меравад зеро, ки асоси иқтисодиёти онро соҳаи кишоварзӣ ташкил менамояд. Мувофиқи маълумотҳои оморӣ соли 2020 ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулот 332 млн. 996,5 ҳазор сомониро ташкил дода 100 фоиз ба соҳаи кишоварзӣ рост меояд. Дар ноҳия зиёда аз 75% аҳолии қобили меҳнат дар соҳаи мазкур фаъолият мекунанд. Яке аз самтҳои афзалиятноки рушди соҳаи иқтисоиёти ноҳия СХМ ба ҳисоб меравад. СХМ дар ободонии ноҳия саҳми арзанда дорад ва солҳои охир соҳаи мазкур яке аз сарчашмаҳои асосии маблағгузории сохтмони асосии ноҳия, махсусан дар самти бунёди иншоотҳои хизматрасонӣ, маишӣ ва савдо ба шумор меравад ва ин соҳа яке аз сарчашмаҳои таъсиси ҷойҳои нави корӣ мебошад. Мувофиқи ақидаи коршиносони маҳаллӣ ноҳия дар оянда дорои имкониятҳои хуби рушди соҳибкорӣ дар соҳаи туризм мебошад.

Соҳаи иҷтимоии ноҳия аз бахшҳои тандурустӣ, маориф, ҳифзи иҷтимоӣ, фарҳанг ва варзиш иборат мебошад. Мушкилоти асосии соҳаи мазкур ин маҳдудияти моддиву техникӣ, ба талаботҳо ҷавобгу набудани инфрасохтори иҷтимоӣ, паст будани сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ (махсусан муассисаҳои тандурустӣ, фарҳанг ва фароғат), норасоии мутахассисони соҳавӣ, бемориҳои сироятию ғайрисироятӣ ва ғайраҳо ба шумор меравад.

Солҳои охир, аз сабаби кам будани ҷойҳои корӣ, паст будани музди меҳнат, як қисми аҳолӣ, бо мақсади ба даст овардани маблағи кофӣ, ба хориҷи кишвар муҳоҷират намудаанд. Рафтани муҳоҷирони меҳнатӣ ба хориҷи кишвар ба иқтисодиёти ноҳия таъсири ҳам мусбат ва ҳам манфӣ дорад. Аз як тараф маблағҳои пулӣ ворид мегарданд (соли 2020 тавассути филиали бонкҳо дар ноҳия аз хориҷ 817669 доллар, 295924990 рубли русӣ, 7500000 сомонӣ маблағ ворид гаштааст), ки ба афзоиши сатҳи даромади оилавӣ ва беҳтар шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсир мерасонад. Аз тарафи дигар бошад, дар натиҷаи муҳоҷирати аҳолии қобили меҳнат, мушкилии норасои кадрҳо зиёд мегардад.

## Таҳлили омилҳои таъсирасони рушд (SWOT таҳлил).

| | Тарафҳои қавӣ | Тарафҳои заиф |
|---|---|---|
| **Омилҳои дохилӣ** | • Мавҷуд будани захираҳои табиӣ;<br>• Шароити хуби иқлимӣ ва захиравӣ барои рушди соҳаи кишоварзӣ<br>• Мавҷуд будани заминҳои обӣ ва заминҳои лалмӣ барои истеҳсоли зиёди маҳсулоти кишоварзӣ ва бунёди боғҳои нав;<br>• Мавҷуд будани захираҳои меҳнатии озод ва арзон дар ноҳия;<br>• Мавҷуд будани ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ (асрҳои қадим);<br>• Дастрас будани инфраструктураи аввалиндарачаи муҳандисӣ ва коммуникатсионӣ, иҷтимои ва маишӣ;<br>• Мавҷуд будани барномаи миёнамӯҳлати рушди ноҳия;<br>• Аҳолии гуногунмиллат ва хайрхоҳ. | Маҳдудияти захираҳои молиявӣ<br>Фарсуда ва корношоям гардидани техникаҳои мавҷуда,<br>Паҳн шудани ҳашоротҳои зараррасон ва дигар касалиҳои боғу токзор;<br>Корношоям будани насосҳои обкаш ва дастрас набудани оби полезӣ;<br>Набудани нуқтаҳои қабул ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақа;<br>Набудани ҷойҳои кории зарурӣ ва музди меҳнати ночиз;<br>Ба талаботҳо ҷавобгу набудани инфрасохтори сайёҳӣ;<br>Набудани бозори наздисарҳадӣ;<br>Паст будани фарҳанги истифодабарии замини деҳқонон.<br>Баланд шудани нархи сӯзишворӣ ва тарифҳои хизматрасонӣ;<br>Кам шудани интиқоли пул аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ; |
| | **Имкониятҳо** | **Хатарҳо/таҳдидҳо** |
| **Омилҳои беруна** | • Мавҷудияти дастгири давлатӣ оид ба рушди истихроҷ ва коркарди маъданҳои кӯҳӣ;<br>• Мавҷудияти нақшаҳои сатҳи миллӣ оидба азхуд намудани заминҳои бекорхобида, обёри намудани заминҳо ва бунёди боғҳои нав аз ҳисоби заминҳои наздикӯҳӣ;<br>• Мавҷуд будани талабот ба маҳсулоти кишоварзӣ дар бозори дохилию берунӣ<br>• Мавҷудияти Барномаи давлатии Рушди соҳаи картошкапарварӣ, чорводорӣ ва занбӯри асалпарварӣ;<br>• Афзалиятнокии минтақаи Лахш дар сатҳи ҷумҳуриявӣ дар самти рушди сайёҳӣ ва кӯҳнавардӣ;<br>• Ҷойгир будани минтақа дар сарҳади Ҷумҳурии Қирғизистон;<br>• Дастгирии давлатӣ ва мавҷудияти санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ оид ба рушди савдои наздисарҳадӣ;<br>• Ҳавасмандии сармоягузорон ва ташкилотҳои кӯмакрасон оид ба амалӣ намудани лоиҳаҳои рушди маҳаллӣ. | • Офатҳои табиӣ (сел, ярч, тарма, обхезӣ, заминларза ва ғ.) ;<br>• Деградатсияи замин;<br>• Эпидемия ва пандемия;<br>• Афзоиши таваррум;<br>• Тағйир ёфтани иқлим ва баъд шудан ҳолати муҳити зист (дигаргуншавии экологӣ);<br>• Бӯҳрони иқтисодӣ ва таъсири манфии он ба минтақа;<br>• |

## Боби II. ҚТИСОДИЁТ

### 2.1. Соҳаи кишоварзӣ

**Баҳодиҳӣ ва таҳлили ҳолати соҳаи кишоварзӣ**. Лахш ноҳияи аграрӣ буда, дар қисмати шарқии ҷумҳурӣ ҷойгир мебошад ва кишоварзӣ соҳаи асосии пешбурди иқтисодиёти ноҳия мебошад. Дар бахши кишоварзӣ зиёда аз 75 фоизи аҳолии қобили меҳнат шуғл дорад ва барои қисми зиёди аҳолӣ он манбаи ягонаи даромад мебошад.

Соҳаҳои асосии кишоварзии ноҳия чорводорӣ, картошкапарварӣ, ғаллакорӣ, боғдорӣ, сабзавоткорӣ, ва занбуриаслпарварӣ аст.

Дар бахши кишоварзӣ 1716 заминистифодабарандагон фаъолият доранд (хоҷагиҳои деҳқонӣ), ки ба онҳо 5233 га замини корам (аз ин 3599 га обӣ), 202 га боғот (обӣ), 166 га замини алафдарав (29 га обӣ) ва 59132 га чарогоҳҳои тобистона вобаста карда шудааст. Ба тавозуни 8 хоҷагии давлатӣ 312 га замини корам (237 га обӣ) вобаст шудааст. Шумораи умумии хоҷагиҳои хонагӣ дар ноҳия 11096 ададро ташкил дода, аз ин 8420 нафар (5243 нафари онҳо зан) саҳмдори кишоварзӣ мебошад.

**Шумораи хоҷагиҳо дар ҷамоатҳои ноҳияи Лахш ба ҳолати 1 январи соли 2021**

| № | Номгӯи ҷамоатҳо | Хонаводаҳо | Хоҷагиҳои деҳқонии ҷамоавӣ | Хоҷагиҳои инфиродӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Ҷамоати шаҳраки Ваҳдат | 957 | - | 96 |
| 2 | Ҷамоати деҳоти Пилдон | 1240 | - | - |
| 3 | Ҷамоати деҳоти Ҷиргатол | 1927 | - | 344 |
| 4 | Ҷамоати деҳоти Янгишаҳр | 1887 | - | 148 |
| 5 | Ҷамоати деҳоти Сурхоб | 527 | 2 | 110 |
| 6 | Ҷамоати деҳоти Сартало | 584 | 1 | 149 |
| 7 | Ҷамоати деҳоти Қашот | 594 | 1 | 85 |
| 8 | Ҷамоати деҳоти Лахш | 767 | 1 | 218 |
| 9 | Ҷамоати деҳоти Муксу | 1884 | 2 | 484 |
| 10 | Ҷамоати деҳоти Алға | 711 | 1 | 82 |
| **Ҳамагӣ** | | 11096 | 8 | 1716 |

Ба ҳолати 1 январи соли 2021 ҳамаи заминҳои дар ҳудуди марзи маъмурии ноҳия ҷойгирбуда 458011 гектарро ташкил менамояд (аз ин 6277 га замини обӣ), ки аз ин 136631 гектарро (5305 га обӣ) заминҳои кишоварзӣ ташкил медиҳад (бо назардошти дигар истифодабарандагон).

**Сохтори умумии истифодабарии заминҳои ноҳияи Лахш**

| № | Истифодабарии заминҳо | Воҳиди ченак | Масоҳат, га ба 01.01.2021 |
|---|---|---|---|
| 1. | Шумораи заминистифодабарандагон | нафар | 1716 |
| 2. | Майдони умумии заминҳо | га | 458011 |
| 3. | Аз ҷумла: заминҳои кишоварзӣ | га | 136631 |
| 4. | Замини корам | га | 6277 |
| 5 | Боғҳо | га | 477 |
| 6. | Чарогоҳ | га | 129012 |
| 7. | Ҷангалубешазорҳо | га | 11535 |
| 8. | Заминҳои зери об | га | 4897 |
| 9. | Заминҳои зери роҳҳо | га | 701 |
| 10. | Заминҳои зери иморату иншоот, кӯчаҳовамайдонҳо | га | 844 |
| 14. | Дигар заминҳои ғайрикишоварзӣ | га | 297730 |

**Ҳолати техникӣ.** Бештари техникаҳои дар тавозуни хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия мавҷуд буда аз сабаби солҳои тӯлонӣ истифода бурдан фарсуда ва корношоям гардидаанд. Таи ин солҳо дар хоҷагиҳои кишоварзӣ каму беш техникаи нав дохил шуда бошад ҳам, вале талаботи хоҷагиҳоро таъмин карда наметавонад.

**Техникаҳои мавҷудаи кишоварзӣ ва ҳолати коршоямии онҳо дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории ноҳияи Лахш (ба 01.01.2021)**

| № | Номгӯи техника | Ҳамагӣ | Омода | % омодагии техника |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Тракторҳо | 263 | 199 | 75,7 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 2 | Комбайн | 2 | 1 | 50,0 |
| 3 | Ядакҳои тракторӣ | 58 | 52 | 89,7 |
| 4 | Испрҳо | 163 | 136 | 83,4 |
| 5 | Култиваторҳо | 37 | 29 | 78,4 |
| | Ҳамагӣ: | 465 | 365 | 78,5 |

Аз техникаи мавҷуда 365 адад ё 78,5 фоиз, бахусус таракторҳои шудгоркунанда 75,7 фоиз дар ҳолати корношоям қарор доранд ва таъмири онҳо маблағи зиёдро талаб мекунад. Инчунин, қисми зиёди тракторҳо корношоям гардиданд ва ба иқтидори пурраашон фаъолият намекунанд. Сабаби дигари кор накардани техникаҳои мавҷуда норасогии қисмҳои эҳтиётӣ ва гарон будани нархи онҳо мебошад. Хоҷагиҳо аз сабаби надоштани воситаҳои кофии молиявӣ, имконияти таъмири техникаҳо ва харидорӣ намудани қисмҳои эҳтиётиро надоранд.

**Маҷмӯи маҳсулоти умумии кишоварзӣ.** Ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ дар соли 2020 дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагидорӣ 332,9 млн. сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2019 1,4% ё ба андозаи 4684,3 ҳаз. сомонӣ зиёд мебошад. Аз ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ 81,5 фоиз ба соҳаи растанипарварӣ ва 18,5 фоиз ба соҳаи чорводорӣ рост меояд. Дар ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ ҳиссаи аҳолӣ 73,0 %, ҳиссаи хоҷагиҳои деҳқонӣ 21,6 % ва ҳиссаи сектори ҷамъиятӣ 5,4 %-ро ташкил медиҳад.

| Номгӯй | Воҳиди ченак | Соли 2019 | Соли 2020 |
|---|---|---|---|
| Ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ | млн. сомонӣ | 328312,2 | 332996,5 |
| Растанипарварӣ | млн. сомонӣ | 267021,07 | 271480,84 |
| Чорводорӣ | млн. сомонӣ | 61291,2 | 61515,66 |
| Шумораи коргарони соҳаи кишоварзӣ | ҳазор нафар | 54 | 44 |
| Шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ | адад | 1702 | 1716 |
| Шумораи хоҷагиҳо | адад | 7 | 8 |
| Музди миёнаи меҳнат | сомони | 741 | 1015 |

Дар доираи татбиқи барномаи мазкур, тибқи дурнамо истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ соли 2020 дар қиёс ба соли 2019 аз ҳисоби ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои бекорхобидаи мавзеъҳои Қум, Лахш (зиёда аз 1000 га) 21 фоиз, аз ҷумла дар соҳаи растинипарварӣ 26 фоиз ва чорводорӣ 16 фоиз зиёд хоҳад шуд.

**Растанипарварӣ.** Соли 2020 аз захираи заминҳои корами дар ноҳия мавҷудбуда бо назардошти ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ дар майдони 1128 гектар кишти зироатҳо гузаронида шудааст. Дар сохтори кишти зироатҳои ғалладонагӣ мавқеи асосиро кишти гандум 1128 га) ишғол менамояд.

Дар давоми солҳои 2000-2020 майдони кишти картошка, сабзавот ва хӯроки чорво зиёд шудааст ва минбаъд низ аз ҳисоби обёрӣ намудани заминҳои бекорхобида ва беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо васеъ хоҳад шуд.

Тибқи нишондиҳандаҳои нақшаи дурнамо соли 2020 бо назардошти ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ майдони кишти картошка 18,0 фоиз, сабзавот 25,0 фоиз, ғалладонагӣ 5,0 фоиз (аз ҷумла гандум 5,0%) ва майдони боғҳои мевадиҳанда 14,0 фоиз васеъ карда шуда, истеҳсоли маҳсулот мутаносибан 26,0%, 2,1 маротиба, 16% (аз ҷумла, гандум 16% ) ва 50, 0% афзоиш меёбад.

Дар ноҳия болоравии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба назар расад ҳам, вале маҳсулоти истеҳсолшуда талаботи бозорро пурра таъмин карда наметавонад. Барои таъмин намудани бозори дохилӣ ба маҳсулоти тоза дар оянда парвариши зироатҳои навъи серҳосилро тавассути дастрасии тухмиҳои аълосифат ба роҳ мондан ба мақсад мувофиқ аст. Тағийрёбии иқлим дар солҳои охир ба истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ (бахусус соҳаҳои картошакапарварӣ, ғалладонагиҳо ва меваҷот) таъсир расонид ва дар натиҷа боиси паст шудани ҳосилнокӣ гардидааст.

Сабаби пастшавии ҳосили зироатҳо, сари вақт дастрас нашудани нуриҳои маъданию заҳрхимикатҳо, набудани оби полезӣ дар мавсими парвариш, тағийрёбии иқлим, паҳн шудани ҳаргуна ҳашароти заррасон ва касалиҳо мебошад.

**Картошкапарварӣ.** Картошкапарварӣ яке аз соҳаҳои асосии хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия буда, 95 дарсади хоҷагиҳои хонагӣ ба парвариши картошка шуғл доранд. Барои аҳолии ноҳияи Лахш 71 фоизи сарчашмаи даромад аз ҳисоби фурӯши картошка, 17 фоиз аз ҳисоби себу нок, 10 фоиз аз ҳисоби фурӯши чорво ва маҳсулоти чорводорӣ ва 2 фоиз аз ҳисоби фурӯши дигар маҳсулотҳо ба даст оварда мешавад.

Ноҳияи Лахш истеҳсолкунандаи асосии картошка дар ҷумҳурӣ буда, зиёда аз 14% картошкаи ҷумҳурӣ дар ноҳия истеҳсол карда мешавад. Хоҷагиҳои картошкапарварии ноҳия маҳсулоти худро ҳам дар бозорӣ дохилӣ ва ҳам дар бозори берунӣ ба фурӯш мебароранд. Истеҳсоли картошка сол то сол зиёд шуда, дар соли 2025 ба 120 ҳазор тонна расонида мешавад ва ин ба хоҷагиҳо имконият медиҳад, ки талаботи бозори дохилиро таъмин намуда, ба хориҷи кишвар низ, зиёдтар картошка содирот намоянд.

Дар хоҷагиҳои картошкапарварии ноҳия солҳои тӯлонӣ истифода бурдани як навъи тухмии картошка (навъи “Тоҷикистон”, “Пикассо” ва “Кардинал”) ба ҳосилнокии он таъсири манфӣ расонидааст. Гарчанде, ки дар ноҳия дар ҷамоати Муксу хоҷагии тухмипарварии махсусгардонидашуда таъсис дода шуда бошад, ҳам ин ба рушди соҳаи картошкапарварӣ на он қадар мусоидат намуд. Агар дар яке аз мавзеъҳои мувофиқи ноҳия хоҷагии тухмипарварӣ бо мутахассисони таҷрибадор таъминбуда ташкил карда шавад, ноҳия имконият дорад, ки ҳамаи ноҳияҳои картошкапарварӣ ҷумҳуриро бо тухмии аълосифат таъмин намояд.

Мушкилие, ки хоҷагиҳои картошкапарваро ба ташвиш овардааст ин паҳн шудани ҳамагуна касалиҳо ва ҳашаротҳои зарарасон (аз ҷумла касалиҳои фитафтароз, макроспориоз, ризоктаниёз, (Парша)–қутурак, столбур ва касалиҳои вирусӣ) мебошад.

**Боғдорӣ.** Дар баробари дигар бахшҳо боғдорӣ низ яке аз соҳаҳои асосии ноҳия аст. Иқлими ноҳия имконият медиҳад, ки майдони боғотро аз ҳисоби ниҳолҳои серҳосил зиёд намуда, талаботи аҳолӣ ба меваи тару тоза таъмин шавад ва қисми боқимондаи он содирот карда шавад. Талаботи рӯзафзун ба меваю масолеҳи сохтмонӣ, бахусус чӯбу тахта (аз ҳисоби шинондани дарахтони бемева) ва шароити мусоиди иқлими ноҳия дар суръатбахшии ҳалли масъалахои иҷтимоию иқтисодии деҳот ҳиссаи худро мегузорад ва ин имкон медиҳад, ки дар оянда боғдорӣ дар ноҳия ривоҷ дода шавад. Танҳо тайи солҳои 2000-2020 дар хоҷагиҳои ноҳия зиёда аз 1692 га боғи нав бунёд карда шудааст, ки барои дар оянда зиёд намудани истеҳсоли меваҷот, масолеҳи сохтмонӣ ва инкишоф додани ин соҳа имконияти хуб фароҳам меорад.

Ҳамзамон имконияти бунёд намудани боғи нав дар ноҳия дар солҳои 2021-2025-ум 100 га ба нақша гирифта шудааст.

Солҳои охир майдони аксари боғҳои ноҳия аз сабаби нагузаронидани чорабиниҳои агротехникӣ, бахусус коркарди кимёӣ ба муқобили касалиҳо ва ҳашаротҳои зараррасон қариб ба ҳолати нестӣ расидаанд. Сабаби асосии пастшавии ҳосилнокӣ низ дар ҳамин мебошад. Давраи авҷи касалиҳо ва инкишофи ҳашароти зараррасон вобаста аз шароити иқлими маҳал ва хусусияти биологии онҳо, ки ба сабзиши дарахтон зарар меоварад, гуногун мегузарад. Бинобар ин дар ин самт лозим аст, ки дар минтақа гурӯҳи махсуси пешгӯӣ оид ба паҳншавии ҳашоротро ташкил намуда, фаъолияти нуқтаҳои муҳофизати растаниҳо барқарор гардад.

Дуруст ба роҳ мондани муҳофизати боғот аз касалиҳо ва ҳашаратҳои зараррасон боиси баланд шудани ҳосилнокӣ ва зиёд шудани истеҳсоли мева дар ноҳия мешавад. Талаботи имрӯзаи бозори дохилию берунӣ тақозо менамояд, ки маҳсулоти дорои сифати баланд аз ҷиҳати экологӣ тоза истеҳсол карда шавад. Аз ин лиҳоз, дар ноҳия зарурияти ҳимояи маҳсулотҳои кишоварзӣ бо истифодаи усулҳои агротехникӣ, механикӣ, биологӣ ва кимиёвӣ ба миён омадааст ва ин имконият медиҳад истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологи тоза ва ҷавобгӯи талаботи бозори дохилию берунӣ зиёд карда шавад.

*Нишондиҳандаҳои асосии соҳаҳои боғдорӣ дар солҳои 2019-2020*

| № | Намуди маҳсулот | Ченак | Соли 2019 | Соли 2020 | фарқият |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Мева | Тонна | 6055,7 | 6063,5 | +7,8 |
| 2. | Ҳосилнокӣ | с/га | 34,2 | 35,9 | +1,7 |
| 3. | Майдони боғҳо | Га | 1635 | 1692 | +57 |

**Обёрии заминҳо**. Обёрии заминҳои нав ва беҳтар гардонидани ҳолати мелиоративии онҳо низ аз мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳаи кишоварзӣ буда, ҳалли мушкилоти мазкур дар зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва бо кор таъмин намудани аҳолӣ аҳамияти калон дорад. Амалӣ намудани он тавассути буҷети маҳаллӣ аз имкон берун аст, зеро ноҳияи Лахш субвенсионӣ буда, ба кӯмаки давлатӣ ниёз дорад.

Дар ноҳия 6277 гектар замини корам мавҷуд аст, ки аз ин 5305 гектараш обӣ буда, тавассути се канали калон: канали Пиёзӣ, канали Путовкул ва дар минтақаи Лахш канали Ғулама бо воситаи 7 насоси обкашӣ, аз ҷумла насоси деҳаи Ҷиргатол, насоси обкашии деҳаи Ҷангҷер, ки зиёда аз 100 га замини хоҷагии деҳқонӣ ва шахсӣ обёрӣ мешавад ва бинобар корношоям гардидани насосҳо заминҳо бо иқтидори аввалашон истифода бурда намешаванд. Насоси маҳаллаи Қашот-Қарасой ва се сойи калони магистралии ноҳия ба таъмири асосӣ ниёз дошта, дар мавсими обёрии киштзорҳо 38% норасогии об мушоҳида мешавад. Дар ҳолати барқарор намудани насоси обкашии деҳаҳои Лахш, Ҷангҷер, Ҷултерак ва Қашот зиёда аз 800 га замини хоҷагиҳои деҳқонию инфиродӣ ва шахсӣ обёрӣ карда мешавад.

Дар сурати обёрӣ намудани заминҳои банақшагирифташуда дар назар аст, ки ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ дучанд гардида, даромаднокии хоҷагиҳо зиёд ва ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шавад.

**Чорводорӣ.** Чорводорӣ дар баробари дигар соҳаҳо яке аз бахшҳои асосии кишоварзии ноҳия буда, вазни қиёсии он дар маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ 18,5%-ро ташкил медиҳад. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ тамоюли болоравӣ дошта, соли 2015 нисбати соли 2020 аз ҷумла, гӯшт 1%, шир 5,7% ва асал 10 % зиёд шудааст.

**Саршумори умумии чорво ва парранда дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ (сар) дар солҳои 2019-2020**

| № | Номгӯй | Соли 2019 | Соли 2020 | Фарқият бо % |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Чорвои калон: | 27678 | 28229 | 102,0 |
| | аз он модагов | 13683 | 13693 | 100,1 |
| 2. | Бузу гӯсфанд | 133108 | 133376 | 100,2 |
| 3. | Аспҳо | 2055 | 2055 | 100,0 |
| 4. | Парранда | 64328 | 64630 | 100,5 |
| 5. | Оилаи занбӯри асал | 4600 | 4622 | 100,5 |

Вусъат бахшидан ба рушди соҳаи чорводорӣ, пеш аз ҳама ба заминаи зотпарварии соҳа барои таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар ва амалигардонии ҳуҷҷатҳои стратегии кишвар аҳамияти беандоза дорад. Ин амал бахусус дар ҳолати амалигардонии Барномаи амнияти озуқаворӣ, ки яке аз вазифаҳои он афзун гардонидани истеҳсоли гӯшт, шир, тухм ва таъмини ниёзи мардум бо сафедаи маҳсулоти чорво мебошад, аҳамияти бештар пайдо менамояд.

Дар ноҳия зиёда аз 92 фоиз саршумори чорво ба сектори аҳолӣ (0,7 фоиз ба хоҷагиҳои давлатӣ ва 6,9 фоиз ба хоҷагиҳои деҳқонӣ) рост меояд, ки аз рӯи вазни зинда ва маҳсулнокӣ ба талаботи стандартӣ ҷавобгӯ нест. Дар ноҳия истифодаи маводҳои

зотӣ, хизматрасонии зотехникию байтори маҳдуд буда, таъминот ба хӯрока ва захираи он (бо назардошти он ки майдони кишти хуроки чорво зиёд шудааст) суст гардидааст.

Дар ноҳия Лахш барои рушди соҳаи чорводорӣ ва ташкили базаи хӯроки он шароити хуб мавҷуд буда, чарогоҳҳои тобистона 129012 га мебошад.

Шароити иқлимии ноҳия барои парвариши чорво ва паранда мувофиқ аст. Дар сурати тахасус гардонидани ноҳия ба соҳаи чорводорӣ ва ба роҳ мондан коркарди он, ноҳия имконият дорад, ки бозори дохилиро бо маҳсулоти молию ширӣ таъмин намояд.

Мушкилоте, ки ба хоҷагиҳои чорводор таъсир мерасонад ин набудани корхонаҳои хурди коркарди маҳсулоти ширӣ дар ноҳия аст ва аз ин лиҳоз хоҷагиҳо маҳсулоти худро пурра коркард карда наметавонанд. Таъсис додани корхонаи коркарди маҳсулоти ширӣ бо назардошти истифода аз манбаи мавҷудаи ашёи маҳаллӣ яке аз самтҳои асосии Барномаи мазкур аст. Дар амал тадбиқ намудани ин масъала метавонад дар оянда бозори дохилиро бо маҳсулоти худӣ таъмин намуда, буҷети маҳаллиро ғанӣ гардонад. Ҳамзамон ба ташкили чойҳои нави корӣ ва ба баланд гаштани сатҳи некӯаҳволии мардуми ноҳия мусоидат менамояд.

Дар ноҳия 3 нуқтаи бордоркунии сунъии чорво фаъолият дорад. Барои татбиқи Барномаи рушди соҳаи зотпарварӣ ва хушзоткунии чорво дар нақшаи чорабиниҳои ноҳия ҷиҳати пешбурди соҳаи байторӣ ва беҳтар гардонидани хадамотии он дар ҷамоати «Лахш-Алға» бунёд намудани як нуқтаи табобати чорво, фурӯши доруворихои пешгирию табобат ва нуқтаи бордоркунии чорво пешбинӣ шудааст.

**Байторӣ.** Дар шароити имрӯза рушди соҳаи чорводорӣ ва паррандапарвариро бе пешниҳоди хизматрасонии босифати бойтори ҷиҳати сари вақт пешгири намудани касалиҳои сирояткунанда тасаввур намудан гайриимкон аст.

Дар ноҳияи Лахш ҳолатҳои алоҳидаи касалиҳои қарасон (эмкар), брадзоти чорвои майдаи шохдор ва дигар касалиҳо дар байни чорвои калон ва моли майда, ҳамзамон вабои мурғҳои хонагӣ (псевдочума) ба мушоҳида мерасад. Маводҳои биологии пешгирии касалиҳои сирояткунанда: сӯхтанӣ-100%, вабои сумдард 20-22%, гули моли майда 10-15%, барои ташхиси касалии сил туберкулини ППД-100% ваксинаи пешгирии буғумдарди чорвои калони шохдор 100% аз ҳисоби маблағҳои эпизоотии ҷумҳурӣ ҷудо карда мешаванд.

Ҳоло, дар ноҳия 4 клиникаи хусусӣ байторӣ аз ҷониби Ассотсиатсияи байторони ноҳия тавассути Ташкилоти озуқа ва кишоварзии СММ сохта шуда, барои бордоркунии сунъии чорво таҷҳизонида шудааст. Минбаъд бунёди 4 нуқтаи бордоркунии сунъии чорво дар ҷамоатҳои Лахш, Сартало, Янгишаҳр ва Пилдон барои бордоркунии сунъии чорвои аҳолӣ аз тарафи Ассотсиатсияи мазкур пешбинӣ шудааст.

Мушкилоти асосие, ки дар ин самт ба мушоҳида мерасад, ин набудани таҷҳизот ва техникаҳои замонавӣ, мутахассисони баландихтисос, баланд будани нархи доруворӣ, мушкил будани дастрасии доруворӣ ва ғайра мебошад.

Ҳамзамон бо ташаббус ва дастгирии бевоситаи Ташкилоти байналхалқии Созмони Миллали Муттаҳид оид ба кишоварзӣ ва озуқа (FAO) ваксинаҳо ва дигар доруҳо барои пешгирии касалии буғумдарди моли майдаи шохдор, барои пешгирии касалиҳои карасон ва зардкасали чорвои калони шохдор лозим гардида ба мутахассисони байтор тибқи шартномаҳои тарафайн дастрас карда мешавад. Бо кӯмаки ин ташкилот дар ноҳия Ассотсиятсияи байторҳо ташкил карда шудааст, ки ҳоло дар он 29 нафар кадрҳои баландихтисос ба кор ҷалб карда шудаанд. Мутаассифона дар ноҳия ва гирду атрофии он ягон дорухонаи байторӣ, нуқтаи безараргардонии чорво (барои сӯзонидан ва шустушӯи чорво бахусус барои касалиҳои сироятӣ) вуҷуд надорад. Аз набудани чунин нуқтаҳо бартарафсозии мушкилотҳои ба миён омадаи хоҷагиҳои чорводор сари вақт таъмин карда намешаванд.

Айни ҳол ташкил намудани клиникаҳои байторӣ (дар сатҳи ҷамоатҳо) бо дарназардошти меъёрҳои стандартӣ ва муҷаҳаз гардонидани онҳо бо техника ва технилогияҳои замонавӣ мувофиқи мақсад мебошад. Мавқеи ҷуғрофии ноҳияро ба назар гирифта, стансияи байтории замонавӣ бунёд карда шуд. Барои дар сатҳи баланд

ба роҳ мондани хизматрасонии байторӣ, роҳ надодан ба талафшавии чорво ва парранда аз ҳисоби касалиҳои гузаранда, инвазионӣ, паразитӣ ва хунӣ дар байни чорвои ҷамъиятӣ ва шахсӣ корҳои зиёдеро ба анҷом расонидан зарур аст. Аз ҷумла ташкил намудани нуқтаҳои махсус барои куштани чорвои гӯштӣ ҷиҳати нест кардани хуну дигар партовҳои нолозим ва дар ин замина нигоҳ доштани тозагии муҳити атроф.

***Мушкилиҳои соҳаи кишоварзӣ.*** Мавҷудияти нокифояи корхонаҳои хурди коркарди маҳсулоти кишоварзӣ (мева, сабзавот ва ширу гӯшт ва пашму пӯст), набудани нуқтаҳои қабули пӯсту пашм, нокифоягии маблағ барои азхудкунии заминҳои нав ва обёрии заминҳо, паст будани сатҳи хизматрасониҳо ва ҳолати бади инфрасохтор дар хоҷагии кишоварзӣ, бахусус дар мавриди таъминот бо оби полезӣ, фарсуда ва корношоям гаштани техникаҳои мавҷуда дар хоҷагиҳои кишоварзӣ, набудани базаи моддию техникӣ ва нокифоягии техникаи ҳозиразамон, сари вақт таъмин нагардидани хоҷагиҳо бо тухмии хушсифат, баланд шудани нархи сӯзишворӣ, нуриҳои минералӣ, заҳрхимикатҳо ва дигар тарифҳои хадамотӣ, маҳдуд будани дастрасии хоҷагиҳои кишоварзӣ ба қарзҳои камфоизу дарозмӯҳлат, риоя накардани қоидаҳои агротехникӣ ва истифода набурдани системаи киштгардон, паст шудани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ (бо сабабҳои иваз нашудани тухмиҳо), зиёд шудани ҳашароти зараррасон, касалиҳои гуногун ва дастрас набудани маводи доруворни заҳркимиёҳо барои коркард намудани боғ ва киштзор, ба таври кофӣ таъмин набудани хоҷагиҳои чорвопарвар бо ваксинаҳо ва мушкилии хизматрасонии байторӣ дар сатҳи ҷамоатҳо ва нокифоягии шумораи байторҳо ва таҷҳизоти байторӣ, набудани ҷойҳои махсуси забҳи чорво ва ҷойҳои махсус барои безараргардонии чорвои фовтида, корношоям гардидани насосҳои обкаш дар ҷамоатҳои Лахш, деҳаҳои Лахш, ҶангҶер, Чултерак, Сурхоб, Шилбилӣ, Кашот, инчунин таъмирталаб будани канали Пиёзӣ, каналҳои Путовкул барои обтаъминкунии маҳаллаҳои Чангчер, Лахш, Алға ва Пилдон, аз байн рафтани хоҷагиҳои тухмипарвари Пилдон ва Муксу, набудани қубурҳои обгузар барои бунёди боғҳои нав дар ҷамоатҳои Пилдон, Сурхоб, Сартоло ва Лахш, тӯл кашидани азхудкунии 1000 га замин дар мавзеи Қум маҳдудияти гирифтани қарзҳои камфоиз ва дарозмӯҳлат дар соҳаи кишоварзӣ бахусус соҳаҳои растанипарварӣ, чорводорӣ ва занбурпарварӣ.

**2.2. Соҳаи саноат**

Айни замон дар ноҳия 10 корхонаи хурди саноатӣ (коркарди либосдузӣ, коркарди чӯб, фермаи мурғпарварӣ) ва 2 адад НОБ мавҷуд буда, дар онҳо 60 нафар коргарон фаъолият менамоянд. Дар ноҳия дар даврони истиқлолият НОБ-ҳои хурди «Питовкул 1» – бо иқтидори 900 кВт/соат, «Питовкул 2» - бо иқтидори 2100 кВт/соат (ҳарду НОБ дар тавозуни ШСХК «Барқи Тоҷик» қарор доранд) бо ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ сохта ба истифода супорида шуданд. Ҳамагӣ дар НОБ-ҳои ноҳияи Лахш дар як сол 1822 ҳазор кВт/соат нерӯи барқ истеҳсол мегардад.

Корхонаҳои саноатӣ ва аҳолии ноҳия тамоми сол бо нерӯи барқ таъмин мебошанд. Мувофиқи маълумотҳои оморӣ дар соли 2020 корхонаҳои саноатӣ бо назардошти тадқиқотҳо бо нархҳои амалкунанда ба маблағи 9927,3-хаз. сомонӣ маҳсулот истеҳсол кардаанд. Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ нисбат ба соли 2019-ум 22-хаз. сомонӣ зиёд буда 0,2-фоиз афзоиш ёфтааст.

Яке аз самтҳои афзалиятноки рушди соҳа дар доираи Барномаи рушди ноҳия дар оянда зиёд намудани шумораи корхонаҳои саноатии хурду миёна, мусоидат намудан ҷиҳати бо иқтидори пурра ба кор даровардани корхонаҳои мавҷуда ва дар ин замина самаранок истифода бурдани иқтидорҳои маҳаллӣ бо истифодаи ашёи хоми мавҷуда маҳсуб меёбад.

Барои рушди устувори соҳаи саноат дар ноҳияи Лахш нокифоягии маблағгузорӣ, ворид нагардидани технологияҳои муосири саноатӣ, норасогии мутахассисони соҳибтаҷриба ва мавҷуд набудани инфрасохтори зарурӣ, айни замон монеагӣ менамоянд.

***Иқтидорҳои мавҷуда.*** Ноҳия аз канданиҳои фоиданок бой аст. Захираҳои тиллои дарёи Мук, конҳои ангиштсанги Мук, Лахш ва Қашот, хоки кӯлолӣ, қум, санги мармар,

обҳои маъданӣ, намак, намаксанг ва дигар канданиҳои фоиданок боигариҳои ин музофотанд, ки дарояндаи наздиктарин ба манфиати мардум бояд хизмат кунанд. Дар қаламрави ноҳия чашмаҳои зиёди бофишор ва бефишор лаззаташон ширин, талх ва тумч мавҷуд аст. Ҳам обҳои рӯизаминӣ ва ҳам обҳои зеризаминӣ зиёд аст. Гарчашмаи Тамдиқул, ки ҳарорати обаш аз $90^0$ C боло буда, хусусиятҳои зиёдӣ табобатӣ дорад.

Истифодаи самараноки захираҳои мавҷуда ва дар ин замина ба роҳ мондани бунёди корхонаҳои хурду миёна метавонад ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ, некӯаҳволии мардуми ноҳия, ғанӣ гаштани қисми даромади буҷети ноҳия заминаи устувор гузорад. Коркарди минбаъдаи захираҳои мавҷуда метавонад дар оянда масъалаи муҳоҷирати дохилию беруниро пурра аз байн бардошта, вазъи демографиро мӯътадил гардонад ва дар баланд намудани сатҳи некӯаҳволии мардуми минтақа таъсири мусбии назаррас расонад.

Ҳамзамон, ноҳияи Лахш дорои захираи зиёди ашёи хоми кишоварзӣ, аз ҷумла меваю сабазавот мебошад ва дар се соли оянда бунёд намудани сехҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ба мақсад мувофиқ мебошад. То соли 2025 дар доираи Барномаи рушди ноҳияи Лахш дар маркази ноҳия ва дар ҷамоатҳои деҳот бунёд ва ба кор андохтани сехҳои коркарди меваю сабзавот аз ҳисоби соҳибкорони маҳаллӣ ва ба маблағи умумии 9850,0 ҳазор сомонӣ пешбинӣ мегардад. Бунёди корхонаҳои мазкур имконият фароҳам меорад.

Истифодаи иқтидорҳои саноатӣ ва кишоварзии ноҳия минбаъд бояд бо назардошти мувозинати табиии ноҳия, ҳифзи муҳити зист ва нигоҳдории гуногунии биологӣ амалӣ карда шавад.

### 2.3. Соҳибкории хурду миёна.

**Саҳми соҳибкорони хурду миёна дар иқтисодиёти ноҳия**. Рушди соҳибкории хурду миёна(СХМ) дар иқтисодиёти ноҳия саҳми арзанда дорад. Сол то сол саҳми сектори хусусӣ дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ меафзояд.

Тибқи маълумоти нозироти андози ноҳия тариқи «Равзанаи ягона» дар соли 2020 дар миқёси ноҳия 2391 адад субъектҳои соҳибкории фаъолияткунанда ба қайд гирифта шудаанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта (2391) ё 100 фоизро ташкил медиҳад.

Дар давраи ҳисоботии соли 2020 шумораи соҳибкорони хурду миёна 2391 нафарро дар бар мегирад, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта баробар мебошад. Аз шумораи умумии соҳибкорон 458 нафарро соҳибкорзанон ташкил менамоянд, ки баробари 20 фоизи шумораи умумии соҳибкорон мебошанд.

Дар ҳамин давра аз ҷониби филиалҳои бонкҳои ноҳия барои дастгирӣ аз фаъолияти соҳибкории ноҳия 958,7 ҳазор сомонӣ қарзҳои бонкӣ дода шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2019-ум ба маблағи 150,3 ҳазор сомонӣ ё 13,5 фоиз кам мебошад.

| Соҳаҳо | Дар соли 2019 | | | Дар соли 2020 | | | Дар соли 2019/2020 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шахсони ҳуқуқӣ | Шахсони воқеъӣ | ҳамагӣ | Шахсони ҳуқуқӣ | Шахсони воқеъӣ | ҳамагӣ | фарқият (+,-) | бо фоиз |
| Кишоварзӣ | 60 | 1669 | 1729 | 70 | 1611 | 1681 | -48 | 97 |
| Саноат | 7 | 31 | 38 | 7 | 27 | 34 | -4 | 89 |
| Сохтмон | 10 | 0 | 10 | 12 | 0 | 12 | 2 | 120 |
| Нақлиёт ва алоқа | 5 | 12 | 17 | 8 | 3 | 11 | -6 | 65 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Савдо | 84 | 205 | 289 | 91 | 174 | 265 | -24 | 92 |
| Хизматрасонӣ | 71 | 87 | 158 | 86 | 69 | 155 | -3 | 98 |
| Хизмати молиявӣ | 18 | 0 | 18 | 35 | 0 | 35 | 17 | 194 |
| Дигар сохторҳо | 102 | 30 | 132 | 91 | 107 | 198 | 66 | 150 |
| Дар якҷоягӣ | 357 | 2034 | 2391 | 400 | 1991 | 2391 | 0 | 100 |

Бахши хизматрасонӣ нуқтаҳои савдои молҳои ниёзи мардумро дарбар мегирад, ки бо дастрас ва фурӯши маҳсулотҳои авалиндарача машғуланд. СХМ дар ғани гардонии буҷети маҳаллӣ ҷойи босазоро ишғол менамоянд.

Ноҳия барои рушди соҳаи туризм, махсусан туризми экологӣ ва кӯҳию варзишӣ хеле мусоид мебошад. Барои рушди минбаъдаи сайёҳӣ аз ҷониби соҳибкорон ташкил намудани нуқтаҳои хизматрасонӣ барои сайёҳон, сохтмони меҳмонхонаҳо, нуқтаҳои савдо, ҳамомҳо, маҳсулотҳои дастӣ ва мувофиқи мақсад мебошад.

**Соҳаи савдо ва хизматрасонии пулакӣ.** Дар соли 2020 ҳаҷми гардиши савдои чакана, таъмири автомобилҳо, молҳои маишӣ ва ашёҳои истифодаи шахсӣ 29,8 млн. сомониро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2019 ба андозаи 2,7 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад. Дар соли 2020 ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ ба аҳолии ноҳия дар ҳамаи соҳаҳои хизматрасонӣ 13,6 млн. сомониро ташкил дод, ки ин нисбати соли гузашта 16,6 фоиз кам мебошад.

| Номгӯй | Воҳиди ченак | Соли 2019 | Соли 2020 |
|---|---|---|---|
| Гардиши моли чакана дар ҳамаи соҳаҳо | ҳазор сомонӣ | 27100,5 | 29836,1 |
| Ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ ва аҳолӣ дар ҳамаи соҳаҳо | ҳазор сомонӣ | 16391,0 | 13671,6 |

**Сармоягузории хориҷӣ.** Дар давоми соли 2020 ба иқтисодиёти ноҳия зиёда аз 9,4 млн. сомонӣ сармояи дохилӣ ва хориҷӣ ҷалб гаштааст.

| Номгӯй | **Воҳиди ченак** | **Соли 2019** | **Соли 2020** |
|---|---|---|---|
| Сармоягузории хориҷӣ ва дохили дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқи шар | Ҳазор сомонӣ | 10,2 | 9,4 |

**Пешниҳоди хизматрасониҳо барои рушди СХМ**.

Дар рушди соҳибкории хурду миёна хизматрасониҳои бонкӣ мавқеъи муҳим доранд. Дар соли 2020 дастрасии соҳибкорон ва эҳтиёҷмандон ба хизматрасонии бонкӣ чунин мебошад: аз тарафи ҶСП «Аввалин бонки молиявии хурд» ба 450 нафар ба маблағи 2 млн. 276,0 ҳазор сомонӣ, ФҚХ «Эҳёи куҳистон» ба 274 нафар ба маблағи 1 млн. 024,1 ҳазор сомонӣ, шуъбаи БДА «Амонатбонк» ба 385 нафар ба маблағи 4 млн. 527,7 ҳазор сомонӣ, ФҚХ «Боршуд» ба 94 нафар ба маблағи 1 млн. 187,5 ҳазор сомонӣ, дар маҷмуъ 9 млн. 015,4 ҳазор сомонӣ қарзҳои бонкӣ дода шудааст.

**Мушкилоти соҳибкорӣ**. Сабаби суст инкишоф ёфтани соҳибкории хурду миёна ва тиҷорат дар ноҳия ба мавқеи ҷойгиршавии ҷуғрофӣ вобастагии зич дорад. Ин ҳам бошад дар масофаи дур ҷойгир будани ноҳия аз маркази ҷумҳурӣ, нарасидани ашёи хом, душвории роҳҳо, маҳдуд будани бозори дохила марбут аст. Инчунин сарҷамъ набудани соҳибкорон, ҳимоя нашудани манфиатҳои ҳуқуқӣ ва моддии онҳо, баланд будани меъёри андозҳои иҷтимоӣ, андозбандии номунтазам ва барои аксарияти соҳибкорони хурд нофаҳмо, баланд будани фоизҳои қарзи бонкҳо, ба фаъолияти соҳибкорон таъсири манфӣ мерасонад.

Бо вуҷуди ин нақши соҳибкории хурду миёна дар таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулоти хӯрока, маводҳои сохтмонӣ ва саноатӣ хеле калон аст. Зиёда аз 80 фоизи таъминоти бозори дохилӣ ба дӯши онҳо мебошад.

Рушди ҳунарҳои анъанавӣ низ метавонад дар беҳтар намудани вазъи иҷтимоию иқтисодии аҳолии ноҳия нақши бениҳоят калонро бозад. Дар давраи феълӣ барои самаранок истифодабарии потенсиали вуҷуддоштаи иқтисодии ноҳия иҷрои тадбирҳои дахлдор ҷиҳати рушди соҳибкорӣ барои фаъолияти ғайрихоҷагии кишоварзӣ кӯмак расонида тавонад.

Самти афзалиятнок бояд афзоиши нақши саноат дар заминаи инкишофи корхонаҳои хурд ва миёна ба ҳисоб равад. Дар ин самт эҳё намудани кохонаҳои хурди коркарди мева ва сабзавот бомаврид аст.

Дар баробари корхонаҳои хурди саноатӣ ба роҳ мондани коркарди маҳсулоти ширӣ ва коркарди пӯсту пашм низ мувофиқи мақсад мебошад. Зеро шароити ҷойгиршавии ноҳия барои инкишофи бахши чорводорӣ мутобиқ буда, дорои чарогоҳҳои васеъ мебошад. Дастгирӣ ёфтани соҳибкорӣ дар бахши чорводорӣ ва муҳаё намудани шароит барои рушди онҳо дар ғанӣ гардонидани бозори дохилию берунӣ ба маҳсулоти аз нуқтаи назари экологӣ тоза саҳмгузор хоҳад буд.

**Хизматрасони барои рушди СХМ.** Дар инкишофи соҳибкорони хурду миёна фаъолияти бонкҳо мавқеи хосаро ишғол менамояд. Дар ноҳия филиалҳои Бонки давлатии амонатгузорӣ «Амонатбонк», Аввалин бонки молиявии хурди «Фонди Оғохон», Фондҳои хурди қарзии «Боршуд» ва «Эҳёи куҳистон» фаъолият доранд, ки ба амалиётҳои бонкӣ машғул мебошад.

Гарчанде ҳаҷми умумии портфели қарзҳои бонкии ба мизоҷон пешниҳодгардида солҳои охир афзуда, тартиби пешниҳоди онҳо содда шуда бошад ҳам, вале фоизи қарзҳо хеле баланд буда, ҳамчунин мӯҳлати баргардонидани онҳо кӯтоҳ буда, барои таъмини рушди соҳаҳои истеҳсолии ноҳия имконият намедиҳад.

Дар солҳои охир аз ҷониби бонкҳои ноҳия барои рушди соҳаи саноат ягон қарзи бонки ҷудо нагардидааст. Пешниҳоди қарзҳо, махсусан қарзҳои имтиёзнок барои рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, аз ҷумла саноат қонеъкунанда буда наметавонад. Аз ин лиҳоз, зиёд намудани ҳаҷми пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок ва дарозмӯҳлат барои рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт яке аз самтҳои афзалиятноки рушди соҳа маҳсуб меёбад.

Тибқи маълумоти филиали бонкҳои дар ноҳия фаъолиятдошта соли 2020 аз ҷониби бонкҳои давлатӣ, тиҷоратӣ ва ташкилотҳои хурди қарздиҳӣ барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар соҳаҳои ноҳия 958 ҳазору 775 сомонӣ равона карда шудааст.

***Мушкилиҳои асосии соҳаи СХМ***. Мушкилиҳои асосие, ки ба рушди соҳибкорони хурду миёна таъсири манфӣ мерасонад, ин дастрас набудани маблағҳои грантӣ барои рушди соҳибкорӣ, сатҳи баланди фоизи қарзҳо ва мӯҳлати кӯтоҳи истифодаи он, монеаҳои маъмурӣ, набудани иттилооти зарурӣ барои ташкил ва идоракунии бизнес, бахусус дар байни занҳо мебошад. Набудани ассотсиатсияи соҳибкорон, ки манфиатҳои соҳибкоронро дар назди сохторҳои гуногун ҳимоя намояд. Сатҳи пасти малакаи соҳибкорон. Дастрас набудани қарзҳои имтиёзноку дарозмуддат ва баланд будани фоизи қарзии бонкҳо бахусус барои соҳибкороне, ки ба истеҳсолот машғул мебошанд.

### 2.4. Соҳаи сохтмон

Дар ноҳия **7** адад ширкатҳои сохтмонӣ амал менамояд. Дар ноҳия асосан фаъолияти соҳаи сохтмон барои ба анҷом расонидани сохтмон ва таъмиру тармими биною иншоотҳо, таъмири мактабҳо ва сохтмони бунгоҳҳои тиббӣ нигаронида шудааст.

Барои корҳои сохтмони асосӣ, таъмир ва дигар корҳои ободонию сохтмонӣ дар соли 2020 аз ҳисоби буҷаи маҳаллӣ барои идома додани сохтмони мактаби №9 деҳаи Ҷиргатол 1 млн 100 ҳазор сомонӣ маблағгузорӣ шуда иҷроиши корҳои сохтмони 306-ҳазор сомониро ташкил намуд.

Аз ҷониби Вазорату кумитаҳо, соҳибкорон, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва аҳоли ба маблағи 10 млн 268,9 ҳазор сомонӣ, корҳои сохтмонӣ ба анҷом расонида шудааст.

| Номгӯй | Воҳиди ченак | Соли 2019 | Соли 2020 |
|---|---|---|---|
| Сармояи асосии иҷро карда шудааст | млн. сомонӣ | 15077,7 | 10268,9 |

# БОБИ 3. СОҲАИ ИҶТИМОӢ

## 3.1. Соҳаимаориф

**Сатҳи умумии маълумотнокӣ.**Соҳаи маориф ҳамчун омили муҳими рушди ҷомеа барои ноил гардидани як қатор ҳадафҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ нақши муҳим мебозад. Таъминимаълумотибасифатомилимуҳимирасидан ба рушдиустуворваодилонаast.

**Маълумоти томактаби.** Айни замон дар ноҳия 6 муассисаҳои томактабӣ фаъолият дорад, ки дар онҳо 216 кӯдакон аз ҷумла 106 нафар духтарон (41,2%) таълиму тарбият мегиранд. Дар муасиис аҳои томактаби 16 нафар мураббӣ ба таълиму тарбияи наврасонмашғул буда, аз ҷумла 12 нафар дорои маълумоти миёнаи махсус ва 4 нафар дорои маълумоти оли мебошанд. Бояд қайд кард, ки фарогири ба муассисаҳои томактабӣ дар микёси ноҳия бе назардошти гуруҳҳои мақсаднок ҳамагӣ 2,0 фоизро ташкил мекунад. Ҳамазамон дар 21 муассисаҳоти таълимӣ ноҳия 23 гуруҳҳои мақсаднок ташкил шудааст, ки 398 нафарро барои таълим фарогирифтааст, ки 165 нафари он духтарҳо мебошанд.

**Маълумоти мактаби.** Дар тавозуни шӯъбаи маорифи ноҳия 61 муассисаҳои таълимӣ аз ҷумла 1- литсейи хонандагони болаёқат, 41 мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, 6 мактаби таҳсилоти асосӣ, 13 мактаби таҳсилоти ибтидоӣ, 1 интернати назди мактабӣ, маркази рушди истеъдодҳо ва маркази технологияи информатсионӣ фаъолият доранд.

Илова бар ин дар ноҳия 1 адад коллеҷи омӯзгорӣ, 1 адад литсейи касбӣ – техникии №78 низ фаъолият доранд.

**Шумораи хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ (нафар)**

| Синфҳо | Солҳои 2019-2020 | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳамагӣ | | Писар | | Духтар | | Фоиздухтар | |
| | 2019 | 2020 | 2019 | 2020 | 2019 | 2020 | 2019 | 2020 |
| 1-4 | 5236 | 5358 | 2736 | 2731 | 2500 | 2627 | 47,7 | 50,1 |
| 5-9 | 5584 | 5612 | 3290 | 2957 | 2294 | 2655 | 41,0 | 47,5 |
| 10-11 | 1803 | 1748 | 816 | 899 | 987 | 849 | 54,7 | 47,0 |
| Ҳамагӣ: | 12623 | 12718 | 6842 | 6587 | 5781 | 6131 | 45,7 | 48,2 |

Мувофиқи маълумоти омор дар соли таҳсили 2016-2017 шумораи умумии хонандагони муассисаҳои таълими нибати соли таҳсили 2014-2015, 1,4 фоиз кам шудааст. Чунин тамоюл пеш аз ҳама баъди хатми синфи 9 ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва ибтидоии касбӣ гузаштани талабагон ва зиёд гардидани шумораи муҳоҷирати дохилӣ ва берунӣ вобаста мебошад.

Дар соли хониши 2016-2017 шумораи омӯзгорон дар муассисаҳои таълимии ноҳия 1165 нафарро ташкил намуд, ки аз ин шумора 370 (ё 31,7%) нафарашонро занҳо ташкил медиҳанд.

**Шумораи умумии омӯзгорон (нафар)**

| Нишондиҳандаҳо | 2019 | 2020 | фарқият |
|---|---|---|---|
| Шумораи умумии омӯзгорон | 1064 | 1064 | 0 |
| *аз ҷумла, занон* | *367* | *399* | *+32* |
| Олӣ | 641 | 641 | 0 |
| *аз ҷумла, занон* | *147* | *147* | *0* |
| Олии нопурра | 51 | 51 | 0 |
| *аз ҷумла, занон* | *16* | *16* | *0* |
| Миёнаи касбӣ | 372 | 372 | 0 |
| *аз ҷумла, занон* | *204* | *236* | *+32* |
| Миёнаи умумӣ | | | |
| *аз ҷумла, занон* | | | |

Таҳлилҳонишонмедиҳанд, ки дар мактабҳоиноҳиянарасиданиомӯзгоронифанҳои химия, биология, математика, физика, забонианглисӣмушоҳидамешавад.

Мувофиқи барномаи давлатии компютеркунонии мактабҳои таълимӣ, таъмини ба ҳар 15 хонанда бо 1 компютер, пешбини шудааст. Айни замон дар муассисаҳои таълимии ноҳия 45 синфҳои компютерӣ амал менамоянд, ки бо 438 компютер ва бо 80 принтер таҷҳизонида шудаанд, ки ба ҳар 15 хонанда 1 компютер рост меояд.

Бинобар нарасидани маблағ муассисаҳои таълимии ноҳия ба як қатор мушкилот аз ҷумла, фарсудашавии биноҳо, нарасидани синфхонаҳо ва таҷҳизот дучор гардидаанд.

Таи ду соли охир бо дастгирии волидайн ва аҳолии ноҳия, дар деҳаи Пилдони-Боло мактаби ибтидои барои 120 хонанда сохта шуда, дар деҳаи Ҷиргатол мактаби ибтидоии № 48 сохтмони 4-синфхонаҳои иловагӣ ва дар деҳаи Сарғойи поён мактаби ибтидоӣ №60 бо 3 синфхона сохта ба истифода дода шуд.

Дар назди Шуъбаи ноҳия маорифи ноҳия Муассисаи таҳсилоти иловагӣ ташкил карда шудааст, ки дар он маҳфилҳои варзишӣ, касбӣ, ҳунарӣ ва таълимӣ амал мекунанд. Шумораи таълимгирандагон 1256 ва шумораи роҳбарои маҳфилҳо 37 нафар, мутахассисон 10 нафарро ташкил мекунанд.

Дар доираи бинои хоҷагии “Сомониён” лагери истироҳатӣ барои хонандагони муассисаҳои таълимии ноҳия барои 300 нафар ташкил карда шудааст. Айни замон лагери мазкур ба таҷҳизотҳои зарури ниёз дорад.

**Маълумоти миёнаи махсус**. **Литсейи касби техники №78.** Дар литсейи зикргардида 203 нафар хонанда аз ҷумла 34 нафар духтарон (17%) аз рӯи касбҳои тракторист-машинисти соҳаи кишоварзӣ, занбуриасалпарварӣ, системаи компьютерӣ, хиштчин, кафшергари газию барқӣ, устои барқ ва ҳисобдор таҳсил менамоянд. Дар лицейи мазкур 52 нафар омузгор ва кормандони техники кор ва фаъолият мекунанд, ки аз ин 12 нафар дорои маълумоти оли 4-нафар дорои маълумоти олии нопурра, 5-нафар дорои маълумоти миёнаи махсус буда боқимонда дорои маълумоти ибтидоии касби мебошанд. Танҳо соли 2013 омӯзишгоҳро 145 нафар мутахассис, аз ҷумла 34 нафар духтар (23%) хатм намуда соҳиби роҳхат барои фаъолияти корӣ гирифтанд.

**Коллеҷи омӯзгорӣ.** Муассисаи мазкур аз соли 1990 инҷониб фаъолит дошта ҳоло дар он 372 нафар донишҷуй аз рӯи ихтисосҳои “таҳсилоти ибтидоӣ”, “таҳсилоти ибтидоӣ бо ихтисоси иловагии забони тоҷикӣ” ва “муаллими синфҳои ибтидои бо ихтисоси иловагии забони англисӣ”, таҳсил мекунанд ва аз он 216 нафарашонро

духтарон (58,1%) ташкил медиҳанд. Дар омӯзишгоҳ 20 нафар омузгор ва кормандони техникӣ фаъолит мекунанд, ки аз ин 20 нафар дорои маълумоти олӣ буда, аз шумораи умумии кормандон ҳамагӣ 8 нафарашро занҳо ташкил мекунад.

Ҳамаи муассисаҳои таълимии ноҳия бо биноҳои таълимӣ таъмин буда, бинои таълимии қисме аз онҳо ба таъмири капиталӣ эҳтиёҷ доранд.

**Мушкилоти муассисаҳои таълимӣ**

| **Мушкилот** | **Рақами мактаб** |
|---|---|
| Таъмири бинои мактаб | №2, №13, №7, №56, №40, |
| Норасоии синфхонаҳо | №2,10,7,13,17,11, 40 |
| Зарурат ба мактабҳои нав | №25, №18, №40, №13, №32, №56, №7, №2, |
| Таъминот бо кадрҳо | |
| Норасоии омузгорони фанҳои дақиқ ва гуманитарӣ | 6нафар |
| Шароитҳои номуносиб барои таҳсилоти хонандагон. | |
| норасоии маблағгузорӣ барои таъмир, ҷиҳозонидан ва кабинетҳои фаннӣ ва лабораторияҳо, ҷои нишаст | Дар ҳамаимуассисаҳоисоҳаимаорифиноҳия |

**3.2. Соҳаи тандурустӣ**

Соҳаи тандурустӣ яке аз бахшҳои муҳими соҳаи иҷтимоии ноҳия ба ҳисоб рафта, барои бехтар намудани дастрасии аҳолии ноҳия ба хизматрасониҳои хушсифати тиббӣ нигаронида шудааст.

**Солимии модар ва кӯдак.** Мувофиқи омори расмӣ дар солҳои охир дар ноҳия афзоиши мурищи модарон ва кӯдакон мушоҳида мешавад. Мувофиқи таҳлилҳо сабаби асосии мурищи модарон пеш аз ҳама, баланд будани сатҳи гирифтоории модарон ба бемориҳои экстрагенеталӣ, ҷоғар ва камхунӣ ба шумор меравад. Сабаби асосии ин саривақт мурочиат накардани онҳо ба муассисаҳои тиббӣ, паст будани маълумотнокии онҳо дар масъалаҳои пешгирии бемориҳои зикргардида мебошад.

**Таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ ва хона, сатҳи фавти модар**

| **Нишондиҳандаҳо** | **2019** | **2020** | **Фаркият** |
|---|---|---|---|
| Шумораи умумии таваллуд | 1621 | 1488 | -133 |
| Таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ | 1333 | 1154 | -179 |
| *Бо фоиз* | *82* | *77,5* | *94,5* |
| Таваллуд дар хона | 288 | 324 | +36 |
| *Бо фоиз* | *18* | *22,5* | *125* |
| Фавти модар (ба ҳар 100 ҳаз. з/т) | 1 | 1 | 0 |

Сабаби зиёд шудани таваллуд дар беморхона дар он мебошад, ки корҳои фаҳмондадиҳӣ аз тарафи кормандони соҳаи тибб ва гузаронидани сӯҳбату вохӯриҳои якҷояи ҷамоатҳои шахрак ва деҳот инчунин ташкилоту муассисаҳои дахлдор дар байни занони қобили таллуд мебошад.

Инчунин рӯз то рӯз боварии аҳоли ба мутахасисони тибб зиёд гардида сатҳи хизматрасони тиббӣ низ беҳтару хубтар ба роҳ монда шуда истодааст.

Сабаби кам гардидани таваллуд дар хона мутобиқи нишондиҳандаҳо маълум мегардад, ки гардиши хонагӣ аз тарафи ҳамшираҳои шавқат ва момодояҳо бо мақсади пешгири намудани ҳодисаҳои фавти модар дар деҳот бештар ба роҳ монда шудаанд.

**Камхуни ва норасоии йод дар организми занҳои қобили таваллуд**

| Нишондиҳанда | 2019 | 2020 | Фарқият |
|---|---|---|---|
| Шумораи занҳои ҳомила ва аз ҳомила баромадагӣ | 1703 | 1485 | - 218 |
| Камхуни вобаста бо норасоии оҳан | 623 | 667 | + 44 |
| *Бо фоиз (%)* | *5* | *5* | *0* |
| Ҳолатҳои норасоии йод | 342 | 486 | + 144 |
| *Бо фоиз (%)* | *3* | *4* | *+ 1* |

Аз тарафи маркази репродуктивии ноҳия оид ба камхуни ба аҳоли ҳабҳо тақсим намуда корҳои фаҳмондадиҳи ва ташвиқоту таблиғот гузаронида шудааст.

Маркази ташакули тарзи ҳаёти солим оид ба норасогии йод дар организми занҳои қобили таваллуд дар байни аҳоли корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронидани семинарҳо, вохӯриҳо гузаронида, тавассути дастгоҳи махсус дар таркиби намаки истеъмолӣ йоднокии он муайян карда мешавад.

**Сатҳи фавти кӯдакон дар солҳои 2019-2020**

| Нишондод | 2019 | 2020 | Фарқият |
|---|---|---|---|
| Фавти кӯдакони то 5 сола (аз рӯи 1000 з/т) | 39 | 46 | +7 |
| *Бо ҳисоби фоиз (%)* | *0,4* | *0,5* | *+ 0,1* |
| Фавти кӯдакони то 1 сола (аз рӯи шумора 1000 з/т) | 34 | 40 | + 6 |
| *Бо ҳисоби фоиз (%)* | *3,4* | *4* | *+ 0,6* |

Сабаби кам шудани шумораи фавти кудакони то 1 сола пеш аз ҳама дар саривақт муроҷиат намудан ба табибон ва муолиҷа намудан дар муассиҳои тиббӣ мебошад.

Сабаби фавти аз 5 то 17 сола номусоид омадани боду ҳаво сардии аз меъёр зиёд дар фасли замистон бемориҳои шадиди роҳҳои нафас бо оризаҳояшон, нуқсонҳои модарзоди ва афзоиши ҳодисаҳои нохуш мебошад.

Дар байни занҳо таваллуди дар сину соли бармаҳал, риоя накардани фосилаи байни таваллуд хело ҳам паҳн шудааст, ки ин ҳам ба индекси солимии модарон таъсири манфӣ мерасонад. Тамоюли афзоиши камхуӣ (норасоии оҳан) ва бемориҳои ҷоғар байни занҳои қобили таваллуд хусусан дар деҳоҳо боиси ташвиш мебошад.

Дар ноҳия тамоюли пастшавии фавти кӯдакон мушоҳида шавад ҳам, нишондиҳандаҳои мавҷуда ҳоло ҳам ташиш овар аст. Мушкилоти асосии солимии кӯдакон ин пеш аз ҳамма бад будани солимии модарон дар давраи инкишофи ҷанин дар батни модар, сатҳи пасти маълумотнокии онҳо дар бораи пешгирии бемориҳои кӯдакон, ғизои солим ба шумор меравад. Кӯдакони синни то 6 сола асосан ба бемориҳои шадид роҳи нафас (БШРН), дарунравӣ гирифтор мебошанд.

**Бемориҳои сироятӣ ва дигар касалиҳо.** Мубориза ба муқобили бемориҳои сирояӣ аз ҷумлаи яке аз афзалиятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи расидан ба Ҳадафҳои рушди устувор. Таъминот ба оби тозаи ошомидани дар ноҳия 70 дарсадро ташкил медиҳад, ки ин яке аз сарчашмаҳои бемориҳои сироатӣ мебошад.

Дар ҷадвали зерин динамикаи бемориҳои сироятӣ аз рӯи маълумоти Хадамоти санитарию эпидемиологии ноҳия овардашудааст.

**Тамоюли бемориҳои сироятӣдар солҳои 2019-2020**

| Намуди бемориҳои сироятӣ | 2019 | 2020 | Фарқият |
|---|---|---|---|
| Бемории сил | 46 | 17 | -29 |
| *(ба 100 ҳаз.аҳолӣ)* | *7,6* | *2,8* | *4,8* |
| Гелминтоз | 265 | 599 | + 334 |
| *(ба 100 ҳаз.аҳолӣ)* | *0,44* | *0,99* | *+ 0,55* |
| Бемории ВНМО | 1 | 1 | 0 |
| *(ба 100 ҳаз.аҳолӣ)* | *0,16* | *0,16* | *0* |

Сабаби руз то руз зиёд гардидани бемории сил дар он медошад, ки набудани мутахасиси соҳа, саривақт муроҷиат накардани беморон, набудани дастгоҳҳои махсус барои муаян намудани бемории сил ва шахсоне, ки мубталои бемории сил мебошанд эҳтиёткор набуда, дигаронро сироят менамоянд.

Айни ҳол бо мақсади пешгирӣ ва бартараф намудани касалиҳои сироятӣ, баланд бардоштани савияи дониши мутахассисони соҳа ва такмил додани системаи тандурустӣ дар ноҳия 12 барномаи соҳавӣ мавриди амал қарор дорад. Аз ҷумла, Барномаи ташаккули тарзи ҳаёти солим, Барнома мубориза бар зидди бемории диабети қанд, Барнома оид ба пешгирӣ ва мубориза алайҳи бемории ВИЧ/СПИД, Барномаи мубориза бар зидди бемориҳои тропикӣ (вараҷа), Барномаи ҳамбастагии бемориҳои кӯдакона, Барнома оид ба пешгирии бемории ишемияи дил, Барномаи солимии репродуктивӣ, Барномаи зидди бемориҳои сил, Барномаи пешгирии бемориҳои ҷоғар, Барномаи соҳавии эмтаъминкунӣ, Барнома оид ба пешгирии бемории камхунӣ ва ғайра.

**Бемориҳои ғайри сироятӣ.** Яке аз мушкилотҳое, ки имрӯз кормандони соҳаи тандурустиро ба ташвиш овардааст ин афзоиши бемориҳои ишемики, деабети қанд, асаб, фишообаландӣ ба шумор меравад. Мувофиқи ақидаи коршиносон бемориҳои зикргардида дар солҳои охир дар бай байни ҷавонон ва миёнасолон зиёд мушоҳида мешавад. Сабаби бемориҳои мазкур, камбизоатӣ, камбудиҳои ичтимоӣ, ирсият, хӯроки

носолим, дер мурочиат кардан ба муассисаҳои тиббӣ ва паст будани маълумотнокии аҳоли оид ба пешгирии бемориҳо ба шумор меравад.

### Муассисаҳои тиббии ноҳияи Лахш

| Сохтори шабакаҳои КАТС | Шумораи умумии муассисаҳои КАТС | |
|---|---|---|
| Маркази саломатии ноҳия | | 1 |
| Марказҳои саломатии деҳот | | 9 |
| Бунгоҳи саломатӣ | | 38 |
| Муассисаҳои госпиталӣ | Ҷамъ: | 48 |
| | Беморхонаи марказӣ (дорои 115кат) | 1 |
| | Беморхонаи минтақавӣ (дорои 105кат) | 6 |
| | Маркази репродуктивии занон | 1 |
| | Маркази тарзи ҳаёти солим | 1 |
| | Маркази ҳамбастагии бемориҳои кӯдакон | 1 |
| | Маркази мубориза бар зиддикасалии сил | 1 |
| | Маркази СПИД | 1 |
| | Маркази эмтаъминкунӣ | 1 |
| Маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ | | 1 |
| Шуъбаи ёрии таъчилии тиббӣ | | 1 |

**Сохтори низоми тандурустӣ.** Муассисаҳои дар сохтори тандурусти қарор дошта дар таблицаи зер оварда шудааст. Дар ноҳия норасоии мутахасисони тибби, аз ҷумла момадояҳо, духтурони кӯдакона (педиатрҳо), духтури бемориҳои гӯшу биннӣ, чашм, сактаи дил ва ғайраҳо мушоҳида мешавад. Таъминот бо кормандони тиб 93 фоизи талаботи мавҷударо қонеъ мегардонад.

Бинобар паст будани музди маош (музди миёна 340 сомонӣ) мутахассисони соҳа ба дигар корҳо мегузаранд ва ба муҳоҷирати меҳнати мераванд.

Бо сабаби паст будани музди маош (музди маоши миёна-340 сомонӣ) мутахассисони соҳа ба дигар кор мегузаранд ё ба муҳоҷирати меҳнати мераванд.

### Гуруҳбандии кормандони муассисаҳои табобатию профилактикии ноҳияи Лахш

| *Муассисаҳои табобатию профилактики (МТП)* | *Ҳамаи кормандон* | *Бо маълумоти олӣ* | *Бо маълумоти миёна* | *Дигар кормандон* |
|---|---|---|---|---|
| Муассисаҳои КАТС | 276 | 24 | 174 | 78 |
| *Бо фоиз (%)* | *100* | *8,7* | *63,6* | *28,26* |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Бахши госпиталӣ | 261 | 25 | 94 | 192 |
| *Бо фоиз (%)* | *100* | *9,5* | *36* | *73,5* |

**3.3. Ҳифзи иҷтимоӣ**

Соҳаи ҳифзи иҷтимоии ноҳияи Лахш аз системаи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ, таъминот бо нафақа, шуғл, муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳифзи ҳуқуқи оила, кӯдакон, расонидани кӯмаки суроғавии иҷтимоӣ ба гурӯҳҳои осебпазир ва камбизоат иборат мебошад.

**Шуғли аҳолӣ.** Дар ноҳия масъалаи афзалиятноки ҳифзи иҷтимоӣ, кам кардани шумораи бекорон, идоракунии самараноки чараёни муҳоҷират, расонидани кӯмаки иҷтимоии суроғавӣ ба табақаҳои осебпазири аҳолӣ, мебошад. Дар давраи соли 2020– 49 фоиз аз шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат 14140 нафарро занон ташкил медиҳанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки зиёдшавии шумораи занон дар соли 2020 нисбати соли 2019 дар соҳаҳои зерин ба назар мерасад: кишоварзӣ -26%, маориф- 12%, тандурустӣ-15% сатҳи дониши ва маълумотнокии ҳуқуқии духтарон ва занон паст мебошад.

**Сатҳи бекори дар ноҳияи Лахш дар солҳои 2019-2020**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | |
|---|---|---|---|
| | **2019** | **2020** | **фаркият** |
| Аҳолии қобили меҳнат | 29160 | 28857 | 303 |
| *аз ҷумла, занон* | *14288* | *14140* | *148* |
| Аҳолии қобили меҳнати бешуғл | 4070 | 3679 | 391 |
| *Ба ҳисоби фоиз* | *13,9* | *12,7* | *1,2* |
| Бекорон (расман бақайдгирифташуда) | 785 | 953 | 168 |
| *Ба ҳисоби фоиз* | *19,3* | *25,9* | *6,6* |

Дар доираи фаъолияти Агентии шуғли аҳолии ноҳия оид ба бекорӣ, ҳар моҳа кумакпулӣ барои бекорон дар ҳаҷми 400 сомонӣ бо муҳлати се моҳ дода шуда, ғайр аз ин барои ташкили ҷойҳои нави корӣ аз ҷониби Агенти ба бекорон қарзҳои имтёзноки бефоиз дода мешавад.

Қайд намудан зарур аст, ки ба шахсоне, ки аз ҷои кори худ ихтисор шуда ва дар ҷустуҷӯи кор мебошанд, дар ҳолати аз қайди Агентии шуғли аҳолӣ будан ва пешкаш намудани ҳуҷҷатҳои зарурӣ, ба онҳо кӯмаки иҷтимоӣ дар намудим ҷубронпулӣ дар ҳаҷми 50,40,30 фоизи маоши охирин дода мешавад

**Муҳоҷирати аҳолии қобили меҳнат**

| Сол | Аҳолии қобили меҳнат | Муҳоҷирони меҳнатӣ | % муҳоҷирон аз аҳолии қобили меҳнат |
|---|---|---|---|
| 2019 | 31890 | 1193 | 3,7 |
| 2020 | 31901 | 1353 | 11 |

**Музди меҳнат.** Дар ноҳия фарқияти андозаи музди меҳнат байни соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт, ба назар мерасад. Сатҳи баландтарини музди меҳнат дар моҳи июли соли 2020 дар соҳаи сохтмон буда, музди камтарин дар соҳои кишоварзӣ ба назар мерасад.

**Категорияҳои осебпазири аҳолӣ.** Дар ноҳия соли 2020 шумораи умумии

нафақахӯрон 5009 нафарро ташкил менамояд. Шумораи маъюбон бошад 846 нафар мебошанд.

Талаботи умумии фонди музди меҳнат дар соли 2020-ум – 34,8 млн. сомониро ташкил мекунад.

Музди миёнаи нафақа дар ноҳия 324 сомонию 25 дирамро ташкил менамояд, ки нисбати соли гузашта 20 сомонию 69 дирам зиёд мебошад.

Самти асоосии сиёсати мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатии ноҳия дар бозори меҳнат то давраи соли 2020 дастгирии ташкилоту муассисаҳо ва соҳибкорони ҷойҳои нави корӣ таъсисдиҳанда, рушди самаранокии бозори меҳнат мебошад.

**3.4. Фарҳанг ва варзиш.**

Бо мақсади таҳкими сиёсати фарҳангӣ дар ноҳияи Лахш дар назди бахши фарҳангӣ ноҳия 51 муассисаҳои маданӣ, фароғатӣ аз ҷумла, 28 китобхона, 8 хонаи маданият, 10 клуби деҳот, 1 осорхона дар маркази ноҳия ва 1 филиали он дар ҷамоати деҳоти Лахш, 1 мактаби мусиқии бачагона, 1 боғи фарҳангӣ - фароғатӣ ва 20 адад ёдгориҳои таърихӣ амал мекунад.

Ҳамчунин дар назди бахши фарҳанг ансабли тарона ва рақси “Садои Лахш” амал мекунад. Дар муассисаҳои мазкур 151 нафар корманд фаъолият менамоянд, ки 68 нафарашонро занон ташкил менамоянд.

Мушкилоти асосии соҳаи маданият ва фароғат аз суст будани базаи моддию техникӣ, нарасидани рафҳо, мизу курсиҳо, таъмин набудан бо асбобҳои миллӣ, набудани бинои мактаби мусиқии бачагона, нокифоягии маблағҳои буҷавӣ барои гузаронидани чорабиниҳои маданӣ иборат мебошад.

***Муасиссаҳои фарҳангии ноҳияи Лахш***

| № | Номгӯи муассиса | Шумора |
|---|---|---|
| 1 | Китобхонаи марказӣ | 1 |
| 2 | Китобхонаи деҳотӣ | 28 |
| 3 | Китобхонаи бачагона | 1 |
| 5 | Хонаи фарҳанги деҳотӣ | 7 |
| 6 | Клуби деҳотӣ | 10 |
| 7 | Осорхона | 2 |
| 8 | Боғи фарҳангӣ | 1 |
| 9 | Мактаби санъати бачагона | 1 |
| 10 | Ансабли “Садои Лахш” | 1 |
| Ҳамагӣ: | | 51 |

**Варзиш.** Дар ноҳия барои рушди соҳаи варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ диққати махсус дода мешавад. Ҳамзамон дар ноҳия 1 варзишгоҳ барои 5000 ҷои нишаст сохта ба истифода дода шудааст. Инчунин дар ноҳия 10 толори варзишӣ ва 91 майдончаи варзишӣ варзиши амал менамоянд. Дар ноҳия мактаби варзишии бачагону наврасон фаъолият дорад, ки дар он 408 нафар варзишгарон таҳти роҳбарии 19 нафар мураббиён бо намудҳои гунгуни варзиши тамрин менамоянд.

Мушкилоти асосии соҳаи варзиш ин нарасидани омӯзгорони касбии тарбияи ҷисмонӣ, нарасидани асбобу анҷом ва таҷҳизот, ҳолати таъмирталаб будани толрҳои варзишӣ ва маоши паст иборат мебошад.

**Соҳаи сайёҳӣ.** Ноҳияи Лахш яке аз ноҳияҳои дурдасти кишвар буда, дар баландии зиёда аз 1500 метр аз сатҳи баҳр қарор дорад аз 95% ҳудуди онро қаторкӯҳҳо ташкил медиҳанд. Ноҳия барои рушди соҳаи туризм, махсусан туризми экологӣ ва кӯҳию варзишӣ хеле мусоид мебошад. Иқлими хуб, боду ҳавои форам, табиати дилфиреб ва манзараҳои зебою дилкаш имконият медиҳанд, ки соҳаи сайёҳӣ дар ноҳия рушд ва тараққӣ намояд. Ноҳияи Лахш дар қатори дигар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ нисбати рушди соҳаи сайёҳӣ имкониятҳои хело зиёд дошта, дар мариди истифода бурдани ин имкониятҳо дар давоми солҳои оянда метавон шумораи зиёди сайёҳони хориҷиро аз

мамолики гуногуни ҷаҳон ҷалб намуд.

Бо мақсади шинос шудан аз мавзеъҳои сайёҳии ноҳия дар давраи солҳои 2019-2020 аз давлатҳои Руссия, Украина, Чехия, Эрон, Булғария, Фаронса, Олмон, Туркия ва дигар кишварҳои дунё беш аз 1800 нафар ташриф овардаанд. Дар ноҳия барои рушди соҳаи сайёҳӣ бо назардошти мавҷудияти ҷойҳои таърихӣ, руду чашмаҳои шифобахш ва манзараҳои зебо, махсусан дар фасли зимистон ҷиҳати ташкили намуди варзишии лижаронӣ шароиту имкониятҳои мусоид дорад.

Бояд зикр намуд, ки шароитҳои табиии ноҳияи Лахш барои рушди соҳаи сайёҳӣ, махсусан туризми экологӣ ва куҳию варзишӣ хеле мусоид мебошад. Иқлими хуб, боду ҳавои форам, табиати дилфиреб ва манзараҳои зебою дилкаш имконият медиҳанд, ки соҳаи сайёҳӣ дар ноҳия рушд ва тараққӣ намояд.

Бо назардошти шароиту имкониятҳои табиии ноҳия мавсими сайёҳӣ дар ноҳия аслан бо фарорасии фасли гармо дар аввал ва ниммаи дуюми моҳи июн оғоз мегардад.

Бояд қайд намуд, ки аз соли 2010 инҷониб, ҳамасола дар якҷоягӣ бо «Шӯрои рушди туризм» ташкил ва баргузории Экспедитсияҳои байналмилалии кӯҳнавардӣ барои фатҳи қуллаи Исмоили Сомонӣ доир карда мешаванд, ки экспедитсияҳои мазкур тавассути ҳудуди ноҳияи Лахш сурат гирифта, бо ҷалби шумораи зиёди варзишгарону кӯҳнавардон аз  мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон доир мегарданд.

Бо мақсади фароҳам овардани шароитҳои мувофиқ барои будубоши сайёҳон дар ноҳия бо ҷалби соҳибкорон дар ноҳия 6 меҳмонхона ва зиёда аз 5 адад ошхонаҳои миллӣ ташкил карда шуда, фаъолият доранд, ки дар баробари ба сайёҳони хориҷӣ ва дохилӣ хизмат расонидан, инчунин барои таъсиси ҷойҳои корӣ мусоидат намуда истодаанд.

Дар масофаи 26 километр дуртар аз маркази ноҳия мавзеи табобатии Тандиқул ҷойгир аст, ки ҳарорати оби шифобахши он 96$^{0}$ С-ро ташкил дода, бо оби шифобахшаш дар тамоми ҷумҳурӣ ва берун аз он машҳур мебошад. Мавзеи Тандиқул зебову дилфиреб буда, дар манзараи бисёр афсонавӣ  ҷойгир шуда, диққати садҳо сайёҳони хориҷиву дохилиро ба худ ҷалб менамояд.

Дар деҳаи Коштегирмони Ҷамоати деҳоти Сартало дар масоҳати 5 гектар дар доманаи кӯҳҳо ҳавзи об ҷойгир мебошад, ки назари ҳар сайёҳро ба худ ҷалб менамояд.

Дар деҳаи Ҷилондии Ҷамоати деҳоти Сурхоб дар баландии зиёда аз 3000 метр аз сатҳи баҳр дар масоҳати 45 гектар ҳавзи Кабуд ҷойгир буда, аз дигар ҳавзҳо бо хусусияти ба худ хос ба куллӣ фарқ менамояд. Аз оби мусаффои ин ҳавз, ҳамчун оби ошомиданӣ аҳолии деҳаи Ҷилондии Ҷамоати деҳоти Сурхоб истифода мебаранд.

Дар ҳудуди ноҳия, ҳамчунин ёдгориҳои таърихӣ (петроглиф)-ҳо мавҷуд мебошанд. Яке аз онҳо дар деҳаи Ачиқалмаи Ҷамоати деҳоти «Алға» ҷойгир буда, он Ғори Сиёҳ ном дорад. Таърихшиносон муайян намудаанд, ки ин Ғор ба давраи то милод мансуб буда, одамони қадим дар ин мавзеъ умр ба сар мебурдаанд ва дар сангу шаххҳои ғори мазкур акси одамони қадим, ҳайвонот ва дигар расмҳои диданиву тамошобоб нақш баста шудаанд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ноҳияи Лахш дорои таърихи бою рангин мебошад. Ёдгориҳои таърихиву мавзеъҳои зебо кӯҳҳои сарбаланду чашмаҳои мусаффо ва дашту дамани фаррох диққати ҳар бинандаро ба худ ҷалб месозад. Дар натиҷаи истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои бойи табиӣ метавон як қатор масъалаҳоро ҳаллу фасл намуд, аз ҷумла ҷалби бештари сайёҳон, таъсис доданаи ҷойҳои нави корӣ ва дарёфти даромади иловагӣ ба буҷаи маҳаллӣ мебошад.

Дар баробари фатҳи қуллаи Исмоили Сомонӣ, инчунин қуллаи ба номи Евгений Корженевский,  қуллаи Ғалаба, инчунин бисёр қуллаҳое, ки дар замони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ машҳур буданд, мавҷуд мебошанд ва тавассути ташкил намудани хатсайрҳои фатҳи қуллаҳои мазкур дар ноҳия барои ташкили экспедитсияҳои иловагии кӯҳнавардӣ,

ки ҳам тариқи интиқол ёфтан ба воситаи чархбол ва тариқи пиёдагардӣ ба роҳ монда мешаванд, шароитҳо муҳайё мебошанд.

Маълумоти муфассал оид ба мавъзеҳои сайёҳӣ ва тамошобоби ноҳия дар сомонаи Lakhsh.tj дарҷ гардидаанд.

Дар бораи минтақаҳо, шароиту имкониятҳо ва мавзеъҳои сайёҳии ноҳия аз тарафи масъулони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия маълумотномаи махсус таҳия гардида, дар сомонаи расмии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия ҷойгир кунонида шудааст.

Инчунин, дар рӯзномаву нашрияҳои ҷумҳуриявӣ, аз ҷумла, рӯзномаи «Садои мардум», ҳафтаномаи "Самак", рӯзномаи "Фараж" низ чунин маълумотҳо дар бораи мавзеъҳои сайёҳии ноҳия нашр гардидаанд.

Аз тарафи ҳайати эҷодии ҳафтаномаи «Паёми Ҷиргатол» бошад, китоби махсус бо номи «Лахши неъматбахш» ба чоп расонида шудааст, ки дар он дар бораи мавзеъҳои сайёҳию таърихии ноҳия маълумоту мақолаҳо руи чоп оварда шуданд.

Ҳамин гуна маълумоти иттилооотӣ дар бораи осоишгоҳи «Тандикул», ки дар масофаи 26 километр дуртар аз маркази ноҳия дар яке аз дараҳои хушманзара ҷойгир аст ва бо оби гармчашмаи шифобахшаш дар тамоми ҷумҳурӣ ва берун аз он машҳур аст, дар сомонаи электронии алоҳида, ки оид ба шароиту имкониятҳои осоишгоҳи мазкур бахшида шудааст, ҷойгир гардонида шудааст.

**Мушкилотҳои соҳа:**

Ҳолати ногувори инфрасохтори ноҳия ва набудани шиору овезаҳои тарғиботӣ бо забонҳои давлатӣ ва хориҷӣ;

Набудани мутахассисони соҳаи сайёҳӣ ва кӯҳгардӣ, (гидҳо, роҳбаладҳо) тарҷумонҳои забонҳои хориҷӣ;

Кам будани намоядагони ташкилот ва ширкатҳои сайёҳӣ дар ноҳия;

## БОБИ 4. Инфрасохтор

### 4.1. Обтаъминкунӣ

Дар ноҳияи Лахш маҳаллаҳои аҳолинишине мавҷуданд, ки бинобар дастрас нагардидани оби ошомиданӣ ба мушкилиҳо мувоҷеҳ шудаанд. Бахусус норасогии оби ошомиданӣ дар деҳаҳои Қарчин, Занкон, Кушай, Калта-булоқ ва ҷамоати шаҳраки Ваҳдат, деҳаҳои Янгишаҳр, Қашқа-терак, Ҷул-терак ва Дулонаи ҷамоати Янгишаҳр ба назар мерасад. Мутобиқи таҳлили маълумотҳои расмии ноҳия ҳоло 71 фоизи аҳолии ноҳия бо оби ошомидании безарар таъмин мебошад.

Масъалаи таъмин, нигоҳубин ва танзими хизматрасонии оби ошомиданиро дар ноҳия Корхонаи давлатии фаръии обтаъминкунии ноҳияи Лахш анҷом медиҳад, ки танҳо барои аҳолии маркази ноҳия, ҷамоати шаҳраки Ваҳдат ва ҷамоати деҳоти Ҷиргатол марбут мебошад.

Танқисии оби ошомиданӣ айни замон қисман дар минтақаҳои аҳолинишини деҳаҳои Қалъаи Занкон, Қарчин, Ҷиргатол, Янгиер ва Обчакаи ҷамоати Ҷиргатол, аҳолии деҳаи Калтабулоқи ҷамоати шаҳраки Ваҳдат, аҳолии деҳаи Калдари ҷамоати Сартало, аҳолии деҳаи Янгишаҳри ҷамоати Янгишаҳр, аҳолии деҳаҳои Қарашура, Қаракенҷа ва Муки ҷамоати Муксу, аҳолии деҳаҳои Ғулама ва Қарамиқи ҷамоати Алға, аҳолии деҳаҳои Қушағба ва Сугати ҷамоати Сурхоб ба назар мерасад. Аммо, аҳолии деҳаҳои Дулонаи ҷамоати Янгишаҳр, аҳолии деҳаҳои Минбулоқи ҷамоати Сартало, аҳолии деҳаҳои Шилбилӣ ва Ҷилондии ҷамоати Сурхоб бо оби нӯшокӣ тамоман таъмин намебошанд.

Дар доираи татбиқи «Барномаи беҳтар намудани таъмини аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби тозаи нӯшокӣ барои солҳои 2007-2020», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 514, аз 2 декабри соли 2006 тасдиқ шудааст, дар ноҳияи Лахш тадбирҳои зиёде ба накша гирифта шудаанд. Дар ин замина, дар давоми амалӣ

гардидани барномаи қаблӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети маҳаллӣ, ҷумҳуриявӣ ва сармояи хориҷӣ як қатор корҳо анҷом дода шуд, ки дар натиҷа таъминоти оби ошомиданӣ дар ноҳия беҳтар гардид.

### 4.2. Барқтаъмикунӣ

Шабакаҳои барқии ноҳия дар соли 1964 ҳамчун бунгоҳи барқтаъминкунии ноҳияи Лахш таъсис дода шудааст. Ҳоло дар дар Шабакаҳои барқии ноҳия 47 нафар мутахассисон фаъолият менамоянд ва аз ин 1 нафар сармуҳандис ва 8 нафар кормандони техникӣ мебошанд.

Дар қаламрави ноҳия 1 адад зеристгоҳи барқии 110/10 кВ бо иқтидори 20000 кВт, 1 адад зеристгоҳи барқии 110/35/10 кВ бо иқтидори 6300 кВт ва 1 адад зеристгоҳи барқии 35/10/20 кВ бо иқтидори 1800 кВт мавҷуд аст.

Дарозии умумии хатҳои интиқоли барқии 20 кВт 11 км, 10 кВт 349 км ва хатҳои интиқоли барқии 0,4 кВ 623 км буда, шумораи зеристгоҳҳои барқӣ 3 адад ва шумораи трансформаторҳо 247 ададро ташкил медиҳад.

Мушкилии калидии соҳа ҳоло дар талафоти нерӯи барқ мушоҳида мегардад. Таҳлили маълумотҳои омории корхонаи барқрасонӣ нишон медиҳад, ки ҳаҷми талафот дар чор соли гузашта тамоюлҳои мухталиф (каму зиёдшавӣ) дорад. Бештари талафотҳо ба гуруҳи талафотҳои техникӣ мансуб мебошанд, ки дар натиҷаи кӯҳнаю фарсуда гаштани ноқилҳои интиқоли нерӯи барқ ва таҷҳизотҳои зеристгоҳҳои барқӣ ба вуҷуд меоянд.

Дар ноҳия аз рӯи афзоиши аҳолӣ ва зиёд шудани хонаҳои истиқоматӣ дар маркази ноҳия, деҳаҳои Пилдон, Занкон, Ҷиргатол, Қушай, Кашкатерак, Шилбилӣ, Дувана, Сарғой, Қаракенҷа, Қазоқон, Ҷон-қирғиз тавоноиҳои мавҷудаи трансформаторҳо басанда нест. Барои таъмин намудани аҳолӣ бо барқӣ доимӣ ноҳия ба сохтмони ХИБ 0,4-10 кВт ва зеристгоҳҳои иловагӣ ё ба иваз кардани трансформаторҳои иқтидорашон паст (10/0,4 кВт) ба трансфарматорҳои тавоноиашон баланд ниёз дорад.

Шабакаҳои барқии ноҳия барои кашидани хатҳои интиқоли барқии 10 кВ, 04 кВ ва 20 кВ ба 10000 адад симчӯб ва ба 1800 км ноқилҳои барқии А35-50-70 ниёз дорад.

**Нишондиҳандаҳои асосии соҳаи таъминоти барқ дар ноҳияи дар солҳои 2019-2020**

| | Нишондодҳо | Ченак | Солҳо | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2019 | 2020 | фарқият | фоиз |
| 1 | Фурӯши қувваи барқ | ҳ.сомонӣ | 9438,0 | 8705,8 | -732,2 | 92,2 |
| 2 | Ҳаҷми умумии қувваи барқи фурӯхташуда | ҳ.кВт/с | 43,5 | 42,0 | -1,5 | 96,6 |
| 3 | Аз он ҷумла аҳолӣ | ҳ.сомонӣ | 4764,6 | 5659,4 | 894,8 | 118,8 |
| 4 | -ташкилотҳои | ҳ.сомонӣ | 4673,3 | 3046,3 | -1627 | 65,2 |
| 5 | Ҳаҷми умумӣ | ҳ.кВт/с | 43,5 | 42,0 | -1,5 | 96,6 |
| 6 | Арзиш 1 кВт/с (ба ҳисоби миёна): | дирам | 0,2470 | 0,2470 | 0 | 100,0 |
| 7 | - аҳолӣ | дирам | 0,2266 | 0,2266 | 0 | 100,0 |
| 8 | -ташкилотҳои буҷетӣ | дирам | 0,26738 | 0,26738 | 0 | 100,0 |
| 9 | Қарзи умумии муштариён, аз он ҷумла: | ҳ.сомонӣ | 11278,3 | 12924,6 | 1646,3 | 114,6 |
| 10 | - аҳолӣ | ҳ.сомонӣ | 3414,4 | 3721,1 | 306,7 | 109,0 |
| 11 | -талафоти умумӣ | ҳ.кВт/с | 8510,3 | 8799,9 | 289,6 | 103,4 |
| 12 | -талафоти умумӣ | % | 16,35 | 17,22 | 0,87 | 105,3 |

### 4.3. Хоҷагии манзилию коммуналӣ

Муассисаи хоҷагии манзилию коммуналии ноҳияи Лахш соли 1939 ташкил шудааст ва ба Корхонаи фаръии давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон мансуб мебошад.

Дар муассисаи мазкур 43 нафар корманд фаъолият намуда, асосан ба кабудизоркунӣ, чароғонкунӣ, нигоҳдошти тозагии кӯчаҳои марказӣ, ороиши маркази ноҳия ва баровардани ПСМ (партовҳои сахти маишӣ) машғул мебошанд. Муассисаи мазкур танҳо дар ноҳия фаъолият дошта, ба 4800 муштарӣ (8,4 фоиз аз шумораи умумии аҳолӣ) дар ҷамъ ва баровардани ПСМ хизмат мерасонад. Хизматрасонӣ тариқи шартномаҳои ба тасвибрасидаи дуҷониба анҷом дода мешаванд. Айни замон аз 50 корхонаю ташкилоти дар ноҳия мавҷуда пурра шартнома баста шудааст. Минбаъд дар ин самт корҳо анҷом дода мешаванд.

Тибқи маълумоти расмӣ, баровардани партовҳои сахти маиши ва партовҳои дигар, сол то сол зиёд шуда истодааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар солҳои охир сатҳи хизматрасонии корхона ҷиҳати сари вақт баровардани партовҳои сахти маиши ва аз барф тоза намудани роҳҳо беҳтар шудааст. Дар баробари беҳтар шудани сифати хизматрасониҳои корхона, ҷамъоварии маблағи хизматрасониҳо тамоюли зиёдшавӣ дорад, ки аз беҳбудии соҳа дарак медиҳад.

Дар тавозуни муассисаи мазкур 1 адад автомашинаи ГАЗ – 53 (АНМ), 1 адад автомашинаи ЗИЛ –130, 1 адад булдозери ДТ- 75, 1 адад Нива – ВАЗ 2121, 9 адад автобуси мусофиркаш ва 1 адад автомашинаи ГАЗ-53 (кӯҳнаю фарсуда) мавҷуд аст. Техникаи мавҷуда талаботи ноҳияро пурра қонеъ карда наметавонад ва ҳангоми кашонидани партовҳо мушкилотҳои зиёдро ба вуҷуд меорад. Партовгоҳ дар масофаи 11 км дуртар аз маркази ноҳия ҷойгир аст. Дар баробари ин, норасогии воситаҳои таъмирӣ, маводҳои сӯзишворию молиданӣ ва техникаи ҳозирзамон ба назар мерасад.

Дар сурати дастрас намудани техникаи ҳозирзамон, аз ҷумла автомашинаи партовбарорӣ, автомашинаи обкашонӣ, эксватор (тамғаи ЮМЗ) ва таҷҳизоти кафшергарӣ, сифати хизматрасонии муассиса беҳтар мегардад. Ба таври умумӣ барои ҳалли мушкилоти мавҷуда, пешниҳоди хизматрасониҳои баландсифат ба аҳолӣ ва барои дастрас намудани техникаи ҳозиразамон, корхонаи мазкур тақрибан ба 500 ҳазор сомонӣ маблағ ниёз дорад.

**4.4. Нақлиёт ва роҳҳо**

Робитаи нақлиётии ноҳия бо маркази ҷумҳурию ноҳияҳои ҳамсоя тавассути роҳи автомобилгарди Душанбе–Ваҳдат-Нуробод-Рашт-Лахш ва бо Ҷумҳурии Қирғистон ба воситаи роҳи мошингарди Лахш сурат мегирад. Тавассути ин роҳҳо маҳсулоти хоҷагии қишлоқ аз нуқтаҳои истеҳсолӣ ва коркард ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ ва Ҷумҳурии Қирғистон бароварда мешавад.

Фаъолияти соҳаи нақлиёти истифодаи умум ва боркашонии ноҳия тавассути соҳибкорон амалӣ мешавад.

Дар тавозуни ташкилоту муассисаҳо 266 адад нақлиёт мавҷуд мебошад, ки аз ин шумора 188 адад мошини боркаш, 6 адад автобус, 48 адад микроавтобус ва боқимонда мошинҳои сабукравӣ махсус мебошанд. Техникаи мавҷудаи муассисаҳо фарсуда шуда, корношоям гардидаанд ва дар чунин ҳолат истифода бурдани онҳо барои мусофиркашони хатарнок гардидааст. Ҳоло дар ноҳия 9 адад микроавтобусҳо дар хатсайрҳои гуногун ба муштариён хизмат мерасонанд. Тавассути соҳибкорон дар маркази ноҳия терминали мусофиркашони сохта шудааст, ки метавонад талаботи то 250 нафар мусофирро дар як шабонарӯз таъмин гардонад.

**Муассисаҳои давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгад ноҳия ва минтақаи Лахш.**

Дар ноҳия Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳия ва минтақаи Лахш ба фаъолияти роҳдорӣ машғул буда, он тобеи Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Муассисаи мазкур аз соли 1941 фаъолият дорад. Ҳоло дар муассисаҳои мазкур 22 адад техникаҳои роҳсозӣ ва таҷҳизотҳо мебошад, ки аз ин техникаҳо 7 ададаш коршоям буда, 4 ададаш таъмирталаб мебошанд.

Дар тавозуни муассисаи мазкур 266,2, км роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум қарор дорад, ки аз ин 113 км роҳҳои байналмилалӣ, 29,6 км роҳи ҷумҳуриявӣ ва 123,6км роҳҳои дорои аҳамияти маҳаллӣ мебошанд. Роҳҳои маҳаллӣ дар ҳолати бад қарор дошта, солҳои тӯлони дар онҳо таъмири капиталӣ гузаронида нашудааст.

Ҳоло, дар ноҳия 50 км роҳҳои дохилӣ ба таъмир ва азнавсозӣ ниёз доранд. Дар ноҳия 14 адад купрӯк мавҷуд аст ва дарозии онҳо 271 метрро ташкил медиҳанд.

Солҳои тулонӣ дар аксарияти роҳҳо ва кӯпрукҳо таъмири ҷорӣ гузаронида нашудааст ва дар натиҷа аксарияти онҳо дар ҳолати ғайриқаноатбахш қарор доранд ва барои ҳаракати мошин хело хавфнок гардидаанд (38 км роҳҳо). Бахусус роҳи мошингарди Қаракенҷа (13 км) ва деҳаи Ғулама (3,5 км) ба таъмири асосӣ ба барқарорсозӣ ниёз доранд.

## БОБИ 5. Бехатариии муҳити зист ва ҳолатҳои фавкулодда

**Муҳити зист.** Мушкилиҳои экологии ноҳия бо назардошти дар мавзеи кухсор ҷойгир шуданаш аз инҳо иборат мебошанд:

1.Истифодаи эҳтиёткоронаи захираҳои табиӣ барои беҳдошти рӯзгори мардум аз ҳисоби азхудкунии заминҳои нав ва махсусияти иқлими маҳал,

3.Дигаргуншавии муҳит, мутобиқшави дар дигаргуншавии рушди хоҷагии халқ;

4. Таъсиррасонии дигаргуншавии муҳит оид ба ҳолатҳои фавкулодда

**Ҳолатҳои фавкулодда.** Аҳолии ноҳияи Лахш аз ба вуқӯъ пайвастани офатҳои табиӣ, аз қабили омадани сел, обхезӣ ва фаромадани тармаву ярч мунтазам ба мушкилот мувоҷеҳ мегардад. Илова бар ин фурӯ рехтани сангҳо ба аҳолӣ таҳдид менамояд. Гарчанде аз офатҳои таби номбар гардида хушбахтона дар давоми солҳои 2019-2020 ягон хоҷаги зарар надида бошадхам, вале дар оянда зарар диани ба хоҷагиҳои ҳудуди ноҳия аз офатҳои таби аз этимол дур нес чунон чи дар соли 2017 фақат аз заминларза ва омадани сел ба хоҷагиҳои худуди зиёда аз 1,8 млн. сомонӣ хисорот ворид гардид.

**Равандҳои табиие, ки ба ҷамоатҳо ва деҳоти ноҳия таҳдид менамоянд**

| Ҷамоат | Деҳа | Навъи раванди таҳдидкунанда | Ҷамоат | Деҳа | Навъи раванди таҳдидкунанда |
|---|---|---|---|---|---|
| Шаҳраки Ваҳдат | Маркази ноҳия | сел, тарма | Ҷиргатол | Ҷиргатол | сел, тарма ва ярч |
| | Калтабулоқ | тарма | | Занкон | Сангреза ва тарма |
| | Кушай | тарма | | Қарачин | сел, чрч |
| Пилдон | Сайрон | сел, тарма | | Майдонтерак | сел, тарма |
| | | | Янгишахр | Чултерак | тарма |
| | Пилдони поён | сел, тарма | | Ёрмазор | тарма |
| | Пилдони миёна | сел, тарма | | Қашкатерак | сел, тарма |
| | Пилдони боло | сел, тарма | Сурхоб | Кӯшағба | сел, тарма |
| | Чубай | тарма | | Шилбили | сел, тарма |
| Лахш | Мукур | ярч | | | |
| | Оқсой | сел, тарма | Сартало | | |
| Алга | Дувана | фурӯрезии сангҳо ва тарм | | | |
| | Аҷикалма | тарма | | | |
| | Гулама | тарма | | Қоштегирмон | тарма |
| | Саргой | тарма | | Казактар | Тарма, кандашавии кул |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | Карамик | тарма | | Минбулоқ | ярч |
| Кашот | Кашот | сел, тарма | | | |

**Шумораи иншоотҳои осебпазир дар натиҷаи офатҳои табиӣ**

| Ҷамоат | Шумораи иншоотҳои осебпазири | | |
|---|---|---|---|
| | Деҳот | Хонаводаҳо | Аҳолӣ |
| Вахда | 2 | 20 | 103 |
| Пилдон | 1 | 36 | 231 |
| Ҷиргатол | 1 | 130 | 739 |
| Янгишахр | 3 | 114 | 569 |
| Сурхоб | 2 | 66 | 412 |
| Сартало | 2 | 40 | 250 |
| Кашот | 2 | 18 | 108 |
| Лахш | 3 | 17 | 112 |
| Мук-Су | 0 | 19 | 135 |
| Алга | 1 | 33 | 177 |
| Ҳамагӣ | 17 | 493 | 2826 |

**Мушкилиҳои асосии соҳа:**

- мавҷуд набудани воситаҳои молиявӣ дар буҷет барои ҲФ,
- набудани низоми огоҳсозӣ ҳангоми сар задани хавфи офатҳои табиӣ,
- сатҳи пасти кори хадамоти ноҳия оид ба мудофиаи шаҳрвандӣ,
- риоя накардани тартибу меъёрҳои агротехникӣ дар соҳаи кишоварзӣ,
- набудани пуштибонии до норҳо дар кори паст кардани хавфи сар задани офатҳои табиӣ,
- набудани харитаи ҷойгиршавии қитъаҳои хатарноки офатҳо дар сатҳи ноҳия,
- набудани гурӯҳҳои ҷамъиятии наҷотдиҳанда дар ноҳия.

## 6 Таъминоти буҷавӣ

Маблағгузории «Барномаи рушди ичтимоию иқтисодии ноҳияи Лахш барои солҳои 2021-2025» дар доираи маблағҳои пешбинигардидаи буҷети давлатӣ ва аз ҳисоби сармояи дохилию хориҷӣ (соҳибкорони ватанӣ ва шарикони рушд) ва манбаъҳои ғайрибуҷетӣ таъмин карда мешавад. Ба манбаъҳои ғайрибуҷетие, ки барои маблағгузории Барномаи мазкур ҷалб карда мешавад, дохил мешаванд:

- Сармояи хориҷӣ аз ҳисоби шарикони рушд, ки дар иҷрои Барнома ҳавасманданд ва ё чорабиниҳои алоҳидаи онҳо;
- Ҳаққи аъзогии иштирокчиён дар иҷрои барнома;
- Пардохти мақсаднок аз фоидаи корхонаҳои ҳавасманд дар иҷрои Барнома;
- Қарзҳои бонкӣ;
- Сармояи ихтиёрии муҳоҷирони меҳнатии берунмарзие, ки дар таъмини Барнома ҳавасманданд.
- Маблағи фондҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ;

Ноҳияи Лахш субвенсионӣ мебошад. Даромадҳои худии ноҳия ба ҳисоби миёна 24,6%-и қисми хароҷоти буҷетро мепӯшонанд ва дар ин робита барои пӯшонидани касри буҷет субвенсия ҷудо мегардад, ки дар панҷ соли охир ба ҳисоби миёна 73,4 %-и маблағи умумии хароҷотро ташкил додааст.

Сарчашмаҳои асосии ташаккули қисми даромади буҷети ноҳия - андози даромад аз шахсони воқеӣ, андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ, андоз аз арзиши иловашуда, андоз тибқи низоми соддакардашуда, андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард, андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт ва андоз аз амволи ғайриманқул маҳсуб меёбад.

## Маълумот оид ба қисми даромади буҷети ноҳияи Лахш (ҳазор сомонӣ)

| | Намуди андоз ва пардохтҳо | Соли 2019 | | | | Соли 2020 | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Нақша | Иҷро | Тафовут | | Нақша | Иҷро | Тафовут | |
| | | | | (+,-) | % | | | (+,-) | % |
| 1. | Андоз аз даромад | 4791,1 | 4426,4 | -364,7 | 92,4 | 3780,8 | 3951,2 | 170,4 | 104,5 |
| 2. | Андоз аз фоида | 300 | 5446,5 | 5146,5 | 1815,5 | 407,3 | 405,1 | -2,2 | 99,5 |
| 3. | Андозҳо аз молу мулки ғайриманқул | 1439,8 | 1520,1 | 80,3 | 105,6 | 1259,6 | 1290 | 30,4 | 102,4 |
| 4. | Андоз аз арзиши иловашуда | 1850 | 1851,7 | 1,7 | 100,1 | 89,9 | 93,3 | 3,4 | 103,8 |
| 5. | Андози аз истиф. роҳҳои автомобилгард | 17 | 22,3 | 5,3 | 131,2 | 25,5 | 16 | -9,5 | 62,7 |
| 6. | Низомҳои махсуси андозбандӣ | 2609,4 | 2944,3 | 334,9 | 112,8 | 2237 | 2386,9 | 149,9 | 106,7 |
| 7. | Андоз аз воситаҳои нақлиёт | 815 | 708,1 | -106,9 | 86,9 | 661,6 | 524 | -137,6 | 79,2 |
| 8. | Боҷи давлатӣ | 331,5 | 397,3 | 65,8 | 119,8 | 329,3 | 318 | -11,3 | 96,6 |
| 9. | Воридоти ғайриандозӣ ҳамагӣ: | 100 | 239,9 | 139,9 | 239,9 | 100,3 | 90,1 | -10,2 | 89,8 |
| 10. | Ҷамъ - бе андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ | 11438,8 | 16848,5 | 5409,7 | 147,3 | 4325,8 | 4468,6 | 142,8 | 103,3 |

Таҳлил нишон медиҳад, ки дар давраи солҳои 2019-2020 афзоиши воридоти маблағҳо қариб аз рӯи тамоми намуди андозҳо мушоҳида мешавад.

Дар сохтори қисмати даромади буҷети ноҳия андози даромад аз шахсони воқеӣ, андоз тибқи низоми соддакардашуда ва андоз аз амволи ғайриманқул нақши махсус доранд. Даромади буҷаи ноҳия таи солҳои охир зиёд гардидааст. Афзоиши буҷаи ноҳия дар соли 2019 нисбат ба соли 2020 тақрибан 7%-ро ташкил намудааст. Бақияи озод дар панҷ соли охир ба вуҷуд наомадааст.

Ба коҳиши воридоти андозҳои дар боло номбаршуда нигоҳ накарда то 5,6% афзоиши воридоти пардохтхо аз андоз аз даромади шахсони воқеиро қайд намудан бомаврид мебошад. Афзоиши нишондиҳандаҳои андозҳои мазкур, ба зиёдшавии сатҳи музди меҳнат, ташкили ҷойҳои нави корӣ, афзоиши ҳаҷми хизматрасониҳо, зиёд шудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ ва саноати вобаста мебошад, зеро дар ин соҳаҳо солҳои охир дар натиҷаи ба кор андохтани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ ва корхонаҳои хурд суръати баланди рушд ба назар мерасад. Воридоти андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт ва андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард дар соли 2019 нисбат ба соли 2020 мутаносибан ба 11% ва 15% афзоиш ёфтаанд.

Буҷети ноҳия хусусияти иҷтимоӣ дошта, дар қисми хароҷот ҳиссаи зиёдро хароҷоти соҳаҳои маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва ҳифзи иҷтимоӣ ташкил медиҳад.

Соли 2020 ҳисссаи соҳаҳои иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва ҳифзи иҷтимоӣ) дар буҷети маҳаллӣ 89,4% фоизро ташкил дод, аз ҷумла хароҷот барои соҳаҳои маориф ва тандурустӣ мутаносибан 64% ва 21%-ро ташкил медиҳад. Сабаби асосии афзудани хароҷоти соҳаи маориф дар солҳои охир ин ба меъёрҳои сарикасӣ гузаштани мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ аст.

### Таҳлили қисми хароҷоти буҷети маҳаллии ноҳияи Лахш, сомонӣ

| № | Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Соли 2019 | | | Соли 2020 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | нақша | иҷро | бо фоиз | нақша | иҷро | бо Фоиз |
| 1. | 01-Бахши ҳокимият ва идоракунии давлатӣ | ҳазор сомонӣ | 696,0 | 928,8 | 133,4 | 920,8 | 1075,9 | 116,8 |
| 2. | 03-Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва тартиботи ҳуқуқ | ҳазор сомонӣ | 105,7 | 103,9 | 98,3 | 80,1 | 130,0 | 162,3 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 3. | 04-Маориф | хазор сомонӣ | 6593,5 | 8283,8 | 125,6 | 7670,6 | 9384,8 | 122,3 |
| 4. | Тандурустӣ | хазор сомонӣ | 2194,2 | 2400,7 | 109,4 | 2731,9 | 3048,9 | 111,6 |
| 5. | Суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ | хазор сомонӣ | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| 6. | Хоҷагии манзилию коммуналӣ, экология ва ҷангал | хазор сомонӣ | 78,0 | 115,0 | 147,4 | 85,7 | 83,1 | 97 |
| 7. | Фарҳанг ва варзиш | хазор сомонӣ | 508,1 | 524,9 | 103,3 | 561,3 | 857,6 | 152,8 |
| 8. | Кишоварзӣ, моҳидорӣ ва шикор | хазор сомонӣ | 85,0 | 63,9 | 75,2 | 98,8 | 126,1 | 127,6 |
| 11. | Нақлиёт ва комуникатсия | хазор сомонӣ | 130,1 | 223,8 | 172 | 60,5 | 38,8 | 64,1 |
| 12. | Хоҷагиҳое, ки ба категорияҳои дигар дохил карда нашудааст | хазор сомонӣ | 26,8 | 45,2 | 168,7 | 16,4 | 49,4 | 301,2 |
| | **Ҷамъ:** | **хазор сомонӣ** | **10417,4** | **12690,0** | **121,8** | **12226,1** | **14794,6** | **121** |

Сохтори хароҷотҳои буҷети ноҳияи Лахш аз рӯи гурӯҳбандии иқтисодӣ асосан аз категорияҳои музди меҳнат ва суғуртаи давлатӣ, хароҷот барои коргузории молу хизматҳо ва хароҷоти асосӣ иборат мебошад. Хароҷоти асосӣ барои бунёди иншотҳои нав, таъмири биноҳо ва харидории таҷҳизот равона мешавад.

Дар соли 2020 беш аз 73,4 фоизи хароҷотҳои буҷети маҳаллӣ барои пардохти музди меҳнат ва ҳиссаҷудокунии кордиҳандагон равона гардидааст. Барои таъмини иҷроиши Барномаи мазкур фазои сармоягузориро дар нохия боз ҳам беҳтар намуда, раванди ҷалби сармоягузорони хориҷию дохилиро тақвият бахшидан лозим аст.

Дар панҷ соли оянда яке аз афзалиятҳои асосии «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Лахш барои солҳои 2021-2025», ин зиёд намудани қисми даромади буҷаи маҳаллӣ мебошад. Ҷалб намудани тамоми воситаҳои имконпазири иловагии даромад ба буҷети маҳал, ба кор андохтани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ дар доираи барномаи мазкур боз ҳам тақвият дода хоҳад шуд.

***Ҷалби воситаҳои молиявии иловагӣ.*** Дар ноҳия якчанд барномаҳое, ки аз ҷониби вазорату идораҳои гуногуни ҷумҳурӣ дастгирӣ мешаванд, татбиқ гашта истодаанд.

Имкониятҳои ноҳия аз ҷиҳати дороии захираҳои молӣ маҳдуд аст. Маблағҳои буҷетии ноҳияи Лахш барои таъмини рушди ноҳия ниҳоят нокифояанд. Ноҳия дотатсионӣ буда, барои таъмини буҷети он аз буҷети ҷумҳуриявӣ субсидияҳо (73,4%) ҷудо карда мешаванд. Дар ноҳия якчанд ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва байналхалқӣ, аз ҷумла, Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид дар минтақаи Рашт, Барномаи ҷонибдории инкишофи манотиқи куҳистони фонди Оғохон, Хадамоти Оғохон оид ба тандурустӣ дар минтақаи Рашт, Хадамоти Оғохон оид ба макони зист, Барномаи озуқаи ҷаҳонӣ дар минтақаи Рашт, Каритаси Швейтсария дар Тоҷикистн, Ташкилоти Ҷамъиятии Байналмиллалии «Ҳамкории Осиёи Миёна» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи Байналмиллалии «Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ЮНИСЕФ-и Созмони Милали Муттаҳид дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро пеш мебаранд, ки барои рушди ноҳия саҳми арзандаи худро мегузоранд.

Барои дарёфти манбаи маблағгузории лоиҳаҳои афзалиятноки соҳаҳои иқтисодиёти ноҳияи Лахш, ки дар доираи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия пешбинӣ шудаанд, ҳамагӣ дар ҳаҷми 218 млн 763 ҳазор сомонӣ маблағ лозим мебошад. Аз ҷумла ин лоиҳаҳо аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ, буҷети ҷумҳуриявӣ, сармояи хориҷӣ ва бахши хусусӣ маблағгузорӣ мегарданд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Лахшро лозим аст, ки истифодаи самараноки маблағҳои буҷетӣ ва дигар сарчашмаҳои маблағгузории барои татбиқи Барномаи рушди ноҳия пешбинишударо, ҳаматарафа мавриди баррасӣ қарор диҳад. Масъулони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия оид ба роҳҳои асосии ҷалби маблағҳои иловагӣ барои татбиқи чорабиниҳои пешбинигардида,

таҷрибаи кофӣ доранд. Аз ин лиҳоз, онҳоро лозим аст, ки ҳамкориро бо ташкилотҳои молиявии байналхалқии муқими ҷумҳурӣ тақвият дода, тартиби дурусти таҳияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва ҷалби воситаҳои молиявии иловагиро ба таври васеъ истифода ва татбиқ намоянд. Инчунин, масъалаҳоро оид ба ташкили раванди «Фондрейзинг» мавриди баррасӣ қарор дода, барои дар амал татбиқ намудани он чораҳои зарурӣ андешанд.

## БОБИ 7. НИЗОМИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ

Яке аз унсурҳои муҳими низоми идоракунии татбиқи "Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Лахш барои солҳои 2021-2025", низоми мониторинг ва арзёбӣ мебошад. Он барои мушоҳидаи ҷараёни иҷроиши корҳо ва таҳлили натиҷаҳои бадастомадаи Барнома, ошкор намудани таҷрибаи мусбии андӯхта ва проблемаҳои мавҷуда дар татбиқи он истифода бурда мешавад.

Низоми мониторинг ва арзёбӣ имкон медиҳад, ки робитаи мутақобила ва муттасил дар сиёсати қабулнамуда ва натиҷаҳои татбиқи амалии он таъмин гардад.

Гурӯҳи мониторинг ва арзёбӣ бо амри Раиси нохия таъсис дода шуда, аз 5-7 аъзо иборат мебошад (мутахассисони соҳавӣ ва кормандони масъули мақомоти маҳаллии нохия). Гурӯҳи мониторинг ва арзёбиро Раиси нохия ё яке аз муовинони он сарварӣ мекунад. Тибқи амри мазкур барои гузаронидани мониторинг ва арзёбии Барномаи рушди нохия - сардори бахши рушди иқтисод ва савдо шахси масъул таъин карда мешавад.

Аз ҷониби тамоми сохторҳои соҳавӣ нусхаи ҳисоботи семоҳаи ҳамаи лоиҳаҳои дар БРН дохилшуда барои ҳисобот ба бахши рушди иқтисод ва савдо пешниҳод мешавад. Муҳим аст, ки давра ба давра малака ва дониши аъзои гурӯҳи мониторинг ва арзёбӣ баланд бардошта шавад.

**Сохтори низоми мониторинг ва арзёбӣ.** Барои мониторинги Барномаи рушди нохия мушоҳидаи омилҳои зерин зарур мебошад:

- то кадом андоза ҳадафҳои Барнома амалӣ шуда истодаанд;
- дар доираи Барнома, лоиҳаҳо чӣ гуна амалӣ шуда истодаанд.

Ба ифодаи дигар, бояд мониторинги натиҷаҳои нақша (дар ин ҷо сухан дар бораи натиҷаҳои Барнома дар маҷмӯъ меравад, на натиҷаҳои лоиҳаҳои ҷудогонаи он) ва мониторинги ҷараёни татбиқи лоиҳаҳо гузаронида шавад.

Мутаносибан низоми мониторинг бояд ду унсурро дар бар гирад.

***Мониторинги натиҷаҳои нақша*** бо роҳи ченкунии аҳамияти индикаторҳо анҷом дода мешавад. Мутаносибан, муваффақшавии ҳадафҳои нақшаро аз рӯи он мулоҳиза намудан мумкин аст, ки то кадом андоза мақсадҳои нишондиҳандаҳо ба даст омадаанд. Ҳамаи нишондодҳои пешниҳодгардида дар хазинаи маълумотҳои бахши омори нохия мавҷуданд. Мониторинги натиҷаҳо ҳар сол гузаронида мешавад.

***Мониторинги иҷрои лоиҳаҳо*** дар доираи Барнома, тавассути параметрҳои зерин гузаронида мешавад: назорати ҷойгоҳи лоиҳа ва мувофиқат намудани он бо барнома. Дар ин маврид ҷадвали электронӣ бо формати Excel таҳия мешавад ва бояд ҳар семоҳа ба таври синхронӣ ва бо ҳисоботнокии лоиҳаҳо тасҳеҳ карда шавад.

Азбаски сатҳи коркарди лоиҳаҳои БРН гуногун аст, он дар таҳияи низоми мониторинг ба назар гирифта шудааст. Лоиҳаи ба Барнома дохилкардашуда метавонад 5 ҷойгоҳ дошта бошад. Инчунин, он метавонад тамоман таҳия нашуда ва ҳоло дар марҳилаи таҳия қарор дошта бошад, лекин дар Барнома номи он зикр гардидааст. Лоиҳаҳое низ ҳастанд, ки пурра таҳия шудаанд, вале аз сабаби набудани маблағ ё дигар омилҳо татбиқи онҳо оғоз нагардидааст. Инчунин лоиҳаҳое ҳастанд, ки дар арафаи анҷомёбӣ қарор доранд ва лоиҳаҳое мавҷуданд, ки онҳо аллакай иҷро шудаанд.

Дар охири сол ҳангоми зарурият арзёбии чораҳои андешидашуда ва лоиҳаҳо дар яке аз соҳаҳои барнома бо назардошти захираҳои мавҷуда ва талаботи иттилоотӣ гузаронида мешавад. Арзёбии таъсиррасонӣ аз ҷониби мутахассисони соҳавӣ ва мустақил (коршиносон/экспертҳо), ки ҳолати бахши мазкурро донанд, гузаронида

мешавад.